آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

29 ноябри соли 2023 Чоршанбе № 95 (15002)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

МАСЪАЛАҲОИ МУҲИМИ ИНКИШОФИ САНОАТИ ДОРУСОЗӢ ВА ЭЛЕКТРОТЕХНИКӢ МУҲОКИМА ГАРДИДАНД

Президент Шавкат Мирзиёев 28 ноябр оид ба масъалаҳои минбаъд дастгирӣ намудани истеҳсол ва баланд бадоштани зарфияти содиротӣ дар саноати доруосозӣ ва электротехникӣ маҷлис баргузор намуд.

Мамлакатамон соҳиби захираи ашёи хом ва шароити кофии ногузир барои инкишофи соҳаҳои мазкур мебошад. Аз он ҷумла, дар шаш соли охир истеҳсолот дар доруосозӣ се баробар, содирот 6 баробар афзуд. 177 лоиҳа ба миқдори 525 миллион доллар ба кор андохта шуда, дар маҷмӯъ 50 ҳазор ҷойи кор фароҳам оварда шуд.

Аммо ин ба зарфияти мавҷуда мувофиқ нест. Ҳамин тариқ, соле дар мамлакат ба миқдори 1,6 миллиард доллар доруворӣ истеъмол мегардад. Саҳми истеҳсолгарони ватанӣ ҳамагӣ 18 фоизро таъмин намояд, боқимонда аз ҳисоби воридот таъмин карда мешавад.

Бинобар ин дар ҷамъомад ба инкишофи истеҳсолоти маҳаллӣ эътибори алоҳида нигаронда шуд.

– Дар солҳои охир ин соҳа хеле дастгирӣ гардида, маблағи зиёд ҷудо карда шуд ва ҳам минтақаҳои доруосозӣ ба вуҷуд оварда шуданд. Аммо онҳо пурра корбурд намегарданд. Зарур аст, ки маҳаллисозӣ вусъат дода шуда, лоиҳаҳои соҳибкорон дастгирӣ гардида, хариди маҳсулоти онҳо бояд таъмин гардад. Ин маънои ҷойҳои кор, қаноатманд сохтани одамонро низ дорад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Бинобар ин аҳамияти омӯхтани таҷрибаи хориҷӣ ва ҷалби брендҳои машҳур ба мамлакатамон таъкид ёфт. Аз он ҷумла, аз ҳисоби ташкили истеҳсолот то ба 35 фоиз афзудани маҳаллисозии 50 намуди дорувории дар мамлакат бештар истеъмолгарданда супориш дода шуд.

Ногузирии тезондани сохтмони кластери «Tashkent Pharma Park» ва ба он ҷалб намудани шарики хусусӣ таъкид шуд. Инчунин ба корхонаҳои доруосозӣ барои гузаштан ба стандарти байналхалқии GMP ва ба вуҷуд овардани низоми тасниф кумак расонда мешавад.

Умуман дар соҳа 173 лоиҳа ба миқдори 1,5 миллиард доллар ташаккул ёфтааст. Барои таъмини молиявии онҳо 600 миллион доллар ҷудо карда мешавад.

Шахсони масъул хабар доданд, ки бинобар ҷамъбасти татбиқи лоиҳаҳо истеҳсоли маҳсулот ба миқдори 400 миллион доллар ва содирот ба миқдори 160 миллион доллар соли 2024 роҳандозӣ мегардад.

Дар ҷамъомад инчунин масъалаҳои марбути соҳаи электротехникӣ муҳокима гардиданд.

Дар шаш соли охир дар ин соҳа 224 лоиҳа ба маблағи 640 миллион доллар ба кор андохта шудааст. Интизор меравад, ки то охири соли ҷорӣ содирот ба 1 миллиард доллар мерасад.

Ҳамзамон ба мамлакатамон ҳар сол маҳсулоти электротехникӣ ба миқдори 800 миллион доллар ворид мегардад. Умуман дар минтақаамон барои 3 миллиард доллар бозор мавҷуд аст.

Барои он, ки дар ин бозор ҷойгоҳи муносиб ишғол гардад, бо брендҳои маъруф ҳамкорӣ намуда, маҳсулоти рақобатбардор бояд истеҳсол кард. Барои ин дар банақшагирии 141 лоиҳа ба миқдори 2 миллиард доллар дар соли оянда эътибори алоҳида нигаронда мешавад.

Имсол 2 гигаватт неругоҳҳои барқии офтобӣ ва шамолӣ, соли 2024 боз 4 гигаватт ба баҳрабардорӣ супурда мешавад. Барои онҳо кабел, генератор, инвертор, трансформаторҳои бисёр лозим мегардад. Вазифаи маҳаллисозии ин маҳсулот ва ба даст овардани сертификатҳои байналхалқии сифат гузошта шуд.

Муайян карда шуд, ки 100 миллион доллар барои дастгирии давлатии татбиқи технологияи пешқадам, инноватсия ва стандартҳои байналхалқии ин соҳа ҷудо карда мешавад.

Шахсони масъул дар бораи нақшаҳои афзудани истеҳсолот дар соли оянда ба 20 фоиз ва то ба ҳаҷми 140 ҳазор тонна расондани аэронавкоркарди мис маълумот доданд. Инчунин таъкид шуд, ки барои афзудани содирот то 1,5 миллиард доллар ва соли 2025 то 2 миллиард доллар имконот мавҷуд аст.

Дар ҷамъомад пешниҳодҳои ҳокимони минтақаҳо ва соҳибкорон оид ба инкишофи соҳаҳои муҳокимагардида шунида шуд.

ЎзА.

Назар ба таҳлили Маркази тадқиқот ва ислоҳоти иқтисодӣ дар моҳи октябри соли равон фурӯши ҳамаи навъҳои воситаҳои нақлиёт дар Ӯзбекистон тақрибан 183 ҳазор ададро ташкил намудааст. Ин назар ба моҳи октябри соли гузашта 62 фоиз зиёд аст. Фурӯши автомобилҳои сабук (ҷамъ 168 ҳазор дона) дар давоми моҳ 23 фоиз боло рафтааст.

АВТОМОБИЛФУРӮШӢ ДАР МОҲИ ОКТЯБР

Хусусан дар давоми моҳи октябр дар бозори автомобил фаъолӣ ду баробар афзуда, наздик 25 ҳазор дона автомобил фурӯхта шудааст. Бозори автомобилҳое, ки дар хориҷ истеҳсол шудаанд, моҳи гузашта андак суст шуда бошад, ин моҳ харид наздик 6 ҳазор ададро ташкил карда, болоравӣ нисбати моҳи гузашта 30 фоиз ба назар мерасад. Вале савдои электромобилҳо то андозае суст шудааст. Дар давоми моҳ 2,7 ҳазор адад автомобил ба фурӯш рафт, ки ин назар ба моҳи сентябр 26 фоиз кам аст.

М. ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

ТАВАҶҶУҲИ САРМОЯДОРОН БА НОҲИЯИ ҒУЗОР МЕАФЗОЯД

Дар ноҳияи Ғузори вилояти Қашқадарё бо ширкати сармоядорони Чин даҳҳо лоиҳаҳои хурду бузург дар амал татбиқ хоҳанд шуд, ки ба рушди иқтисодиву иҷтимоии қаламрав такони назаррас мерасонанд.

Ҳокими вилояти Қашқадарё Муротҷон Азимов пас аз мулоқот бо намояндагони аҳли сармояи Чин дар шаҳри Қаршӣ гуфт, як идда тарҳҳои муҳимеро дар ноҳияи Ғузор пиёда месозанд.

– Дархостҳои Президентро дар робита ба ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти ватанамон ба инобат гирифта, ҳамкориҳоро бо намояндагони ширкатҳои бузурги Чин ва доираҳои бонуфузи сармоягузори ин давлати абарқудрат ба роҳ мондаем. Ширкати фаъоли чиноиҳо дар иқтисодиёти вилоят ба нафъи ҳар ду ҷониб буда, аз он бештар мардуми маҳаллӣ бурд мекунанд, – таъкид намуд М. Азимов.

Ҳокими ноҳияи Ғузор Бекзод Суюнов низ нақшаҳои бунёд ёфтани корхонаҳоро дар қаламрави таҳти раҳбариаш муҳим хонд ва гуфт, ки бо меҳмонон дар ҳамоҳангӣ кор хоҳанд кард.

Интизор меравад, ки дар ноҳияи Ғузор зиёдтар аз даҳ коргоҳ сохта шавад. Барои татбиқи ин тарҳҳои хеле муфид лоиҳаи «Мавзеи саноатии пешқадам» муаррифӣ шуд. Дар қадамҳои нахустин ҷудо шудани 15 гектар замин эълом гардид, ки аз ҷониби сармоядорон хуш истиқбол ёфт. Ҳокими ноҳияи Ғузор Бекзод Суюнов аз таваҷҷуҳи сармоягузорони чиноӣ изҳори хушнудӣ намуда, ҳузури онҳоро дар иқтисодиёти ноҳия яке аз омилҳои хуби пешрафт арзёбӣ намуд.

– Ба истифода дода шудани ин мавзеи саноатии муҳташам иқтисодиёти Ғузорро ба маротиб боло мебарад ва дар пай вазъи иҷтимоии аҳолӣ низ куллан тағйир хоҳад ёфт, – гуфт ӯ.

Пас аз татбиқи лоиҳаҳои мазкур барои 2700 нафар шуғли доимӣ ба вуҷуд хоҳад омад, ки бештар аҳолии маҳаллӣ ба он ҷалб карда мешаванд. Назар ба маълумотҳо, танҳо дар натиҷаи сохта шудани коргоҳе, ки аз барги тут истеҳсол намудани маҳсулоти ғизоии гипокликемиро фаро мегирад, 2000 ҷои кор бунёд хоҳад гашт.

Ба ҷуз ин сармоядорони чиноӣ ният доранд, ки корхонаҳои коркарди абрешим ва санги мармари сунъӣ бисозанд. Тарафҳо ба мувофиқа расиданд, ки дар соҳаи сохтмони хонаҳои баландошён низ як тарҳи ҷолиберо пиёда созанд. Ҳамчунин сармоядорони чиноӣ дар сохтаву ба истифода додани неругоҳи офтобӣ ҳиссаи худро хоҳанд гузошт. Дар ноҳияи Ғузор ширкати байналмилалии тиҷоратии содиротиву воридотии амвол, бахшҳои Донишгоҳи таҳқиқотии улуми тиббии замонавии Чин ва технологияи он, филиали коллеҷи технологии Чин дари худро боз хоҳанд намуд.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.

КОРХОНАИ НАВИ САЗАҒОН БА КОР САР КАРД

Дар мавзеи Сазағони минтақаи озоди иқтисодии «Ургут» заводи истеҳсоли воситаҳои кимёвии ҳифзи растаниҳо – корхонаи муштараки «Шелково Агрохим-Ӯзбекистон» ба кор даромад.

– Дар замони имрӯза, ки дар саросари ҷаҳон тағйирёбии иқлим, ифлосшавии муҳити зист аз ҳисоби газҳои зараровар мушоҳида мешавад, истеҳсоли маҳсулоти босифат ва аз ҷиҳати экологӣ тоза ба яке аз масъалаҳои муҳим табдил ёфтааст, – гуфт роҳбари корхона Салис Каракотов. – Дар чунин шароит дар соҳаи кишоварзӣ татбиқи муштараки илму фан ва технологияҳои замонавӣ талаб карда мешавад. Корхона низ бо мақсади афзунсозии ҳосилнокӣ тавассути истифодаи дурусти замин ташкил гардид. Воситаҳое, ки дар ин ҷо тайёр карда мешаванд, бо такя ба илму инноватсия истеҳсол мегарданд.

Дар асоси лоиҳа, ки арзиши умумиаш ба 30 миллион доллари амрикӣ баробар аст, дар 5 гектар майдон заводи истеҳсолӣ бунёд гардид. Дар се корҳои асосӣ ва як ёрирасон 50 намуди воситаҳои кимёвӣ истеҳсол карда мешавад. Сехҳо бо технологияҳои замонавии давлатҳои Аврупо таҷҳизонида шудаанд ва корҳои асосӣ бо ёрии технологияи автоматикунонидашуда иҷро мегарданд.

– Азбаски аз меҳнати дастӣ кам истифода мебарем, 15-20 нафар дар як рӯз метавонанд то 40-45 тонна маҳсулот истеҳсол кунанд, – гуфт сартехнологи корхона Шерзод Абдуҳақдов. – Аммо баробари ба кор даромадани завод қариб 100 нафар сокини ноҳияҳои Нуробод ва Самарқанд бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардиданд. Қисми асосии маҳсулоти мо, ки барои ҳифзи растаниҳо аз зараркунандаҳои гуногун ва афзунсозии ҳосилнокӣ пешбинӣ шудаанд, экспорт мегарданд.

Дар корхона дар асоси нанотехнология лабораторияи замонавӣ ташкил гардида, бо таҷҳизоти зарурӣ ва геактивҳо таъмин карда шудааст. Дар оянда дар ҳудуди завод бунёди сеҳҳои иловагӣ ва афзунсозии намуд ва ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда дар назар аст.

Бино ба маълумотҳо ҳоло дар мавзеи Сазағони минтақаи озоди иқтисодии «Ургут» 14 лоиҳаи инвестиционӣ бо арзиши умумии 80 миллион доллари амрикӣ татбиқ мегардад. То ҳол 10 лоиҳаи 52,4 миллион долларина амалӣ гардида, 500 ҷойи корӣ ташкил карда шуд. Бояд гуфт, ки дар давоми 10 моҳи сипаришуда аз тарафи ин корхонаҳо маҳсулоти 151 миллиард сӯмина истеҳсол гардида, бо арзиши 6 миллион доллари амрикӣ содир шудааст.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

ТАШАББУСҲОЯМОН СОДИҚ БУДАНАМОНРО БА РУШДИ ШАРИКИИ БИСЁРҶОНИБА, КУШОД, АМАЛӢ ВА МУТАҚОБИЛАН СУДМАНД ДАР ЧАҲОРЧӮБИ СПЕКА ТАСДИҚ КАРДАНД

Коршиносони хориҷӣ дар бораи иштироки Президенти Ӯзбекистон дар саммити Барномаи махсуси СММ оид ба иқтисодиёти Осиёи Марказӣ

24 ноябр дар пойтахти Озарбойҷон – шаҳри Боку саммити Барномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид оид ба иқтисодиёти Осиёи Марказӣ (СПЕКА) баргузор шуд, ки дар он Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ширкат дошт.

Сарвари давлатамон зимни суханронӣ дар ин ҳамоиш аҳамияти платформаи СПЕКА-ро ҳамчун механизми муассири шарикии минтақавӣ дар ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор таъкид намуда, ҳамчунин натиҷаҳои ҳамкорӣ дар чаҳорчӯби иттиҳодияро қайд кард.

Сарвари ҷумҳурӣ бо мақсади таҳкими ҳамкории минтақавӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи мутақобила ҷиҳати таҳияи Консепсияи рушди «СПЕКА – 2030», Нақшаи чорабиниҳои муштарак оид ба ҳавасмандгардонии савдои минтақавӣ, суръат бахшидан ба таъсиси Фонди мақсадноки СПЕКА оид ба дастгирии лоиҳаҳои калон дар соҳаҳои гуногун ва қабули стратегияи ҳамаҷонибаи «Сабз», инчунин таъсиси Шӯрои занони соҳибкори СПЕКА ташаббусҳо ба миён гузошт.

Дар баробари ин пешниҳод шуд, ки дар Ӯзбекистон дар ибтидои соли оянда Форуми байналмилалии «Долонҳои нақлиётии рақамӣ» гузаронда, оид ба таъмини амнияти озуқаворӣ гурӯҳи махсуси кории сатҳи олӣ созмон дода, аввалин ҷаласаи он соли оянда дар Самарқанд баргузор карда шавад.

Иштироки Президент Шавкат Мирзиёев дар ин ҳамоиш ва пешниҳоду ташаббусҳои ӯ дар доираҳои сиёсӣ ва коршиносии байналмилалӣ баҳои баланд мегиранд.

Директори иҷроияи «KingsleyStrategicInstitute» Макс СЕЙ (Малайзия):

- Иштироки Президент Шавкат Мирзиёев дар ҷаласаи СПЕКА идомаи мантиқии сиёсати минтақавии Ӯзбекистон ва саъю кӯшиши таҳкими робитаҳои байниминтақавӣ мебошад.

Осиёи Марказӣ бо назардошти мавқеи стратегии ҷуғрофӣ ва иқтидори назарраси бозорӣ мавриди таваҷҷуҳи тамоми ҷаҳон мебошад. Айни замон минтақа ба яке аз марказҳои муҳими рушди иқтисодӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ табдил ёфтааст.

Ба фикрам, дар ин ҷо нақши калидии Президент Шавкат Мирзиёевро қайд кардан лозим аст, ки ба шарофати сиёсати созандаи ӯ дар Осиёи Марказӣ фазои мусоиди сиёсӣ ба вуҷуд омада, эътимод байни сарони давлатҳо мустаҳкам гардид, майдонҳои гуногуни муколама ва ҳамкорӣ ба роҳ монда шуд.

Ташаббусҳои роҳбари Ӯзбекистон дар ҷараёни мулоқот ҷонибдориашро ба рушди пайвастаи шарикии бисёрҷониба, кушод, амалӣ ва мутақобилан судманд дар доираи СПЕКА бори дигар тасдиқ карданд.

Боварӣ дорам, ки натиҷаҳои ин нишаст ба рушди минбаъдаи иқтисодӣ ва некуҳолии мардуми кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ мусоидат хоҳад кард.

Директори шуъбаи ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷорати Комиссияи иқтисодии аврупоии СММ Элизабет ТЮРК:

– Пеш аз ҳама иҷозат диҳед таъкид намоям, ки дар солҳои охир ҳамкориҳои Ӯзбекистон ва СММ ба таври қобили мулоҳиза густариш ёфта, имрӯз чунин соҳаҳоро, аз қабили тиҷорати байналмилалӣ, нақлиёт, логистика, экология, энергетика ва инноватсия, аз ҷумла дар чаҳорчӯби СПЕКА фаро мегирад.

Ба ин муносибат мехостам қайд намоям, ки Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав барои солҳои 2022 -2026 ва Стратегияи «Ӯзбекистон – 2030», ки ба қарибӣ қабул шуд, мувофиқати пурраи онро ба Мақсадҳои рушди устувори СММ намоиш медиҳад.

Ӯзбекистонро бо пешрафти дар ҳамроҳ шудан ба Созмони умумиҷаҳонии савдо ба даст овардааш табрик менамоям. Дар ҷамъомади охирини гурӯҳи корӣ оиди ҳамроҳ шудан ба СУС 16 ноябри соли 2023 кишварҳо ба фаъол гардидани саъю кӯшиши Ӯзбекистон баҳои баланд доданд, ки аз таҳкими институтҳои дохилӣ аз он далолат медиҳад.

Инчунин беҳтар шудани шароити содда гардондани тартиботи савдоро бояд қайд кард. Сатҳи татбиқи соддагардонии қоидаҳои савдо дар кишвар аз 62 фоизи соли 2021 то 85 фоиз дар соли 2023 зиёд мегардад. Ӯзбекистон инчунин дар ҷорӣ намудани тадбирҳо оид ба соддагардонии тиҷорати бекоғазӣ ва транссарҳадӣ ба пешрафти назаррас муваффақ гардид.

Ҳамзамон, иҷоза диҳед қайд намоям, ки имсол мо 25-умин солгарди таъсиси Барномаи махсуси СММ барои иқтисодиёти Осиёи Марказӣ ва имзои Эъломияи Тошкандро таҷлил мекунем. Аз ин лиҳоз, ҳамоиши СПЕКА дар Боку муҳим ва таърихӣ аст, зеро он нахустин мулоқоти раҳбарони кишварҳои СПЕКА аз замони таъсисаш дар моҳи марти соли 1998 аст.

Иштироки сарони давлатҳо, аз ҷумла Президент Шавкат Мирзиёев дар нишасти сатҳи олӣ ба ҳамкориҳо дар чаҳорчӯби СПЕКА такони тоза мебахшад, зеро қаблан мулоқотҳо дар сатҳи намояндагони вазоратҳо ва гурӯҳҳои коршиносӣ баргузор мешуданд.

Дар хотима мехоҳам қайд намоям, ки КИА СММ дар оянда низ омода аст ба Ӯзбекистон дар ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувори СММ мусоидат кунад.

Коршиноси қирғизистонӣ Денис БЕРДАКОВ:

– Дар воқеияти кунунӣ ҳама гуна иттиҳоди қаробат аз нуқтаи назари ҳалли фаслии вазифаҳои умумӣ муҳим мебошад. Барномаи махсуси СММ барои иқтисодиёти Осиёи Марказӣ бахри баррасии, пеш аз ҳама, рушди тамоми масъалаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва логистикӣ соҳати муҳим ба шумор меравад.

Ташаббуси Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиев бобати дар Боку баргузор кардани ҷамъомади Барномаи махсуси СММ дар сатҳи олӣ аз манфиатдории кишварҳои минтақа бино бар зиёд кардани имкониятҳои содиротӣ ва рӯзафзун намудани транзити борҳо аз тариқи ҳудуди кишварҳои иштирокдор далолат медиҳад.

Ӯзбекистон аз ин ҷиҳат аз ҷумлаи кишварҳои асосии минтақа маҳсуб меёбад, ки нишондиҳандаҳои иқтисодии тӯли солҳои охир аз рушди он дарак медиҳанд. Аз ҷумла, Ӯзбекистон муваффақ гардид, ки мубодилаи молро бо тамоми кишварҳои ҳамсоя, ҳамчунин бо Озарбойҷон хеле зиёд кунад. Ин ҷиҳат ба беш аз пеш инкишоф додани хатсайрҳои логистикӣ дар Чин, кишварҳои Аврупо, Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқи Наздик мусоидат менамояд.

Дар бораи умуман минтақа сухан гуфта, бояд зикр намуд, ки барои Осиёи Марказӣ бобати хабби асосии тиҷоративу логистикие гардидан, ки аз тариқи он қисмати зиёди молҳо аз Чин ба самти Ғарб ва Ҷанубу Ғарб мегузаранд, имконияти хуб фароҳам меояд. Аз ин нуқтаи назар татбиқ сохтани сохтмони роҳи оҳани Чин – Қирғизистон – Ӯзбекистон, ки имкон хоҳад дод, борҳо аз ҶМЧ ҳарчи зудтар ва арзонтар гузаронида шаванд, аҳамияти махсус дорад.

Ноиб-президенти ширкати «StiePteLtd»-и Сингапур Муҳаммад АМИН:

– Анҷумани Барномаи махсуси СММ дар Боку воқеаи пураҳамият буда, муҳимияти ҳамкориҳои бисёрҷонибаи байни кишварҳои Осиёи Марказиро таъкид месозад. Иштироки Президент Шавкат Мирзиёев дар ин чорабинӣ аз афзудани нақши Ӯзбекистон дар мулоқоти минтақавӣ ва байналмилалӣ шаҳодат медиҳад.

Масъалаҳои ҷиддие, ки дар доираи ҳамоиш баррасӣ мешаванд, ба рушди иқтисодӣ, тиҷоратӣ, сармоявӣ ва нақлиётиву коммуникатсионии робитаҳои байни кишварҳои минтақа тааллуқ доранд. Онҳо бобати мустаҳкам намудани қаробати иқтисодӣ ва ҳамкорӣ қадаме ба пеш буда, пойдевори муваффақ шудан ба пешрафти устувор ва шукуфоӣ дар Осиёи Марказиро таъмин менамоянд.

Мубодилаи афкор бинобар масъалаҳои рӯзмарраи ҳамкории тарафайни минтақавӣ ба дарёфти қарорҳои муштарак ва стратегияҳое, ки ба беҳтар намудани вазъи иқтисодии минтақа ва таҳкими муносибатҳои сулҳпарваронаву дӯстонаи байни давлатҳо нигаронида шудаанд, мусоидат менамоянд.

Муътақидам, ки натиҷаҳои ҳамоиш барои рушди минбаъда ва ҳамкории амиқи байни кишварҳои Осиёи Марказӣ имкониятҳои нав фароҳам меоварад.

АИ «Дунё».

ОЗМУНИ «БЕҲТАРИН ПЕШОҲАНГИ СОЛИ ҶАВОНОНИ МАҲАЛЛА» БАРГУЗОР МЕГАРДАД

Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи чорабиниҳои ташкил намудани озмуни «Беҳтарин пешоҳанги соли ҷавонони маҳалла» қабул гардид.

Бино ба қарор, озмуни «Беҳтарин пешоҳанги соли ҷавонони маҳалла» ташкил карда мешавад.

Мувофиқи қарор ташкил намудан ва гузарондани озмуни «Беҳтарин пешоҳанги соли ҷавонони маҳалла»;

таркиби кумитаи ташкилии озмуни «Беҳтарин пешоҳанги соли ҷавонони маҳалла»;

доир ба ташкил ва гузарондани давраи ноҳиявӣ (шаҳрӣ) ва минтақавии озмуни «Беҳтарин пешоҳанги соли ҷавонони маҳалла» таркиби намунавии комиссияҳо тасдиқ карда шуд.

Дар асоси талабҳои низом ба пешоҳангони ҷавонони маҳалла тарзи баҳогузорӣ доир ба ҳар як самт кор карда тасдиқ мегардад.

Голиб ва ҷоизадорон рағбатнок гардонда мешаванд.

Давраи ноҳиявӣ (шаҳрӣ), минтақавӣ ва ниҳоии озмун ҳар сол ташкил карда мешавад.

Озмун байни пешоҳангони ҷавонони маҳалла, ки дар як маҳалла камаш ба муддати шаш моҳ фаъолият бурда, соҳиби таҷрибаи кор ҳастанд, гузаронда мешавад.

Тавсия мешавад, ки ғолибони давраи ҷумҳурии озмун бо нишони сарисинагии «Ифтихори маҳалла» тақдир шаванд.

ЎзА.

Хабарҳо аз вилоятҳо

БУНЁДИ МАВЗЕИ «ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ» ДАР ЭКОШАҲР

Зимни шиносоӣ бо рафти корҳои сохтмон дар мавзеи «Ўзбекистони Нав»-и Экошаҳри Фарғона маълум шуд, ки марҳилаи ибтидоии сохтмони шаҳраки моҳворагӣ ба марҳилаи ниҳоии худ расидааст.

Соли ҷорӣ дар минтақаи Экошаҳр дар маҷмӯъ 73 бинои бисёрошёна сохта шуда, 15-тои он пурра ба истифода дода шудааст. Дар қисмати боқимондаи он корҳои сохтмону монтаж ба анҷом расонида мешаванд ва коргарон ороиши дохилу намоҳои онро идома медиҳанд.

Дар ҳудуди Экошаҳр се муассисаи таълимии томактабӣ, ду мактаби таҳсилоти умумӣ ва як поликлиникаи сайёр сохтаву ба истифода дода шудааст. Сохтмони амфитеатр барои чор ҳазор ҷой дар арафаи ба охир расидан қарор дорад. Инчунин сохтмони шабакаҳои дохилии муҳандисию коммуникатсионӣ, дегхонаи марказгармӣ анҷом ёфта, сохтмони роҳҳои дохилӣ шурӯъ шудааст.

Гуфта мешавад, ки ҳокими вилоят бо масъулин ва бинокорон суҳбат карда, рафти корҳои сохтмон дар ҳар як объектро мавриди баррасӣ қарор дод. Дар бобати хушсифат ба ҷо овардани майдончаҳои бачагона, варзишгоҳ, майдончаҳои кабудизоркунӣ низ вай ба масъулин супоришҳо додааст.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири «Овози тоҷик».
Вилояти ФАРҒОНА.

ҚАБУЛИ САЙЁР ДАР МАҲАЛЛАИ СОҲИБКОР

Ҳокими ноҳияи Сӯх бо мақсади омӯхтани мушкилоти аҳолӣ ва беҳсозии тарзи ҳаёти мардум бо шаҳрвандони маҳаллаи Соҳибкор воҳӯрд.

Асосан масъалаҳои таъмин бо шуғл, муаммоҳо вобаста ба таълими томактабӣ, кумаки моддӣ, мушкилот дар хидматрасонии коммуналӣ мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Дар қабули сайёр аз 25 нафар шаҳрванд дар 18 масъала мурочиат афтид. 6 мурочиат дар ҷои худ ҳал карда шуд. Ба 7 мурочиаткунанда маслиҳати ҳуқуқӣ дода шуд. Мурочиатҳои боқимонда мавриди назорат қарор гирифтанд. Ҳоким барои ҳалли саривақтии онҳо ба роҳбарони корхонаву ташкилотҳои мутасаддӣ супориш ва тавсияҳо дод.

М. ШОДИЕВ, мухбири «Овози тоҷик».
Вилояти ФАРҒОНА.

«ОБИ ЗАМ-ЗАМ» БА КОР ОҒОЗ КАРД

Дар вилояти Қашқадарё боз як клиникаи хусусӣ дари худро ба рӯйи мизоҷон боз карда, ба хидматрасонии босифати тиббӣ пардохт.

Ин бунгоҳи тиббӣ бо тамоми таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз мебошад. Ташхиси бемориҳо ва муолиҷаи онҳо аз ҷониби мутахассисони баландпоя дар сатҳи олӣ сурат гирифта, талаботи мардуми минтақаро ба хидматрасонии хушсифат қонеъ хоҳад кард.

Солҳои охир ба сектори хусусӣ майдони васеъ кушода шуд ва он далерона вориди соҳаи тандурустӣ низ мегардад. Ҳукумати ҷумҳурӣ ҳам хушбин аст, ки сохтори хусусӣ дар ҳамаи соҳаҳо ҷои пой пайдо кунад ва ин аст, ки барои ривоҷи он беш аз пеш мусоидат менамояд.

Давлат ҳар соҳибкореро, ки дар ташкили коргоҳҳои хусусӣ азм мекунад, таҳти ҳимояш қарор медиҳад ва ғолибона барояшон шароити хубе низ фароҳам меоварад. Дар соҳаи тандурустӣ арзи ҳастӣ намудани коргоҳҳои хусусӣ боиси рақобати озод ва сифатан беҳбуд ёфтани хидматрасониҳо мегарданд.

Назар ба маълумотҳо, айни ҳол дар тамоми вилояти Қашқадарё ҳудуди 700 клиникаи хусусӣ амал мекунад, ки барои тансиҳатии мардуми қаламрав часпу талош доранд. Гуфта мешавад, шумораи клиникаҳои хусусӣ дар қиёс бо соли 2017 ба се маротиба афзудааст.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.

ОЁ САНҶИШИ ТИББӢ БЕПУЛ НЕСТ?

Рӯзе Шаҳризода (номаш иваз шудааст) худро каме нороҳат ҳис кард. Бо кор машғул шавад ҳам, дард ором намегузошт. Охир қарор дод, ба шифохонаи оилавии шаҳр равад. Баъди санҷиши шифокори оилавӣ маълум шуд, ки ҳомила аст. Духтур фармуд, ки худи ҳамин рӯз аз назорати шифокорон гузарад. Вале ба ёдаш расид, ки пул надорад. Бо сад андешаву хаёл назди дари «Рӯйхатгирии занони ҳомила» рафт. Назди компутер ҷавонзане менишаст. Шифокор баъди саволу ҷавоб Шаҳризодаро ба рӯйхати ҳомилаҳо даровард ва гуфт, ки 30 ҳазор сӯм диҳад.

– Ҳоло пул надорам, дафъаи оянда диҳам мешавад, – пурсид оҳиста Шаҳризода.

Ҷавонзан бо тааҷҷуб ба Шаҳризода нигаристу ба маънии тасдиқ сар ҷунбонд.

Ҳамин тавр ӯ аз се шуъбаи шифохона гузашт. Ниҳоят ба шуъбаи охир даромад, ки бояд хулосаи умумиро менавишт. Шифокор дафтарро пур карду ба дасти Шаҳризода дод.

– Ин дафтарро ба шуъбаи занҳо супоред, – гуфт ӯ.

Шаҳризода хушҳол сӯйи дар шитофт.

Шифокор бо димоғи сӯхта садо дод: «Келинмулло, дафъаи оянда ҳамроҳатон ширеши дафтар оред. Мо онро барои навиштани дафтари бемориву часпонидани хулосаи тиббӣ истифода мебарем. Ҳар рӯз дар қабуламон чӣ қадар шумо барин арӯсон меоянд».

Шаҳризода аз оҳанги гуфтори шифокор фаҳмид, ки гап сари чист. Чун лаблабу супсурх шуду бадар рафт.

Ӯ раҳораҳ худ ба худ андеша кард. Оё санҷиши тиббии шифохонаи оилавӣ бепул нест? Дирӯз келини ҳамсоя гуфта буд, ки барои кушодани дафтари ҳомила зиёда аз сад ҳазор сӯм сарф карда, барои ин аз хушдоманаш «қандалот» барин суханҳои «ширин» шунид. Шояд худи мо айбдорем, ки ба кисаи шифокорон «нарзи даст» гӯён пул меандозем, – хулоса кард вай...

Асалмоҳ САРХАТЗОДА.
ш. САМАРҚАНД.

Шуғл бо варзиш барои саломатӣ – кони фоида. Масалан, варзиши пагоҳӣ ба шахс бардамӣ ва табъи болида мебахшад. Танҳо 45 дақиқа машқ дар ин вақт метавонад хоҳиши аз ҳад зиёд истеъмоли ғизоро коҳиш диҳад.

ШАРОИТ ВА ИМКОНИЯТҲО БАРОИ ҶАВОНОН

Гувоҳи он ҳастем, ки ба ҳаётамон бархӯрдани технологияи замонавӣ дурамонро наздик, мушкиламонро осон гардонд. Дар натиҷа, камҳаракатӣ, ки ба саломатии мо зарар дорад, торафт зиёд мегардад. Ин бошад, дар байни аҳолӣ ба авҷ гирифтани фарбеҳӣ, бемориҳои хуну раг, дил ва дигар аъзо замина фароҳам оварда истодааст. Аз ин боис, бо ташаббуси роҳбари давлат дар мамлакатамон барои ба варзиш ҷалб намудани аҳолӣ, хусусан, ҷавонон шароити зарурӣ офарида шуда, корҳои тарғиботӣ беш аз пеш пурзӯр мегардад. Дар тани солим – ақли солим, ҳамаи ин ба таъмини ҳаматарафа баркамол ба воя расидани бунёдкорони ояндаамон нигаронда шудааст. Дар ин бора барпо гардидани майдончаҳои варзишӣ барои бачаҳо ва наврасон айни муддаост. Бахусус, қарори роҳбари давлат «Дар бораи чораҳои рушди инфрасохтори варзиш дар маҳаллаҳо ва ташкил намудани самаранок истифода бурдан аз майдончаҳои варзишӣ « ҳуҷҷати муҳим мебошад. Бино ба ҳуҷҷати мазкур, барои ғолибон ва ҷоизадорони «Олимпиадаи панҷ ташаббус», инчунин барои дастаҳои якқачини маҳаллӣ, ки дар он минтақа инфрасохтори варзишӣ вуҷуд надорад, то соли 2030 ташкил намудани параметри умумии 5 ҳазор майдончаи варзишии универсалӣ, стритбол ва воркаут тасдиқ карда шуд. Хурсандиовар аст, ки акнун истифода аз майдончаҳои варзишӣ барои ҳамаи шаҳрвандон бепул ва вақти муайян надорад. Дар худи соли ҷорӣ шумораи майдончаҳои сохташуда ба 346-то расид, ки ин дар як рӯз 54 ҳазору 888 нафар аҳолӣ бо варзиш машғул шударо фаро мегирад. Аз оғози соли ҷорӣ то ҳол ба ивази 67,4 млрд.сӯм ҷамъ 346 майдончаи варзишӣ: 111 универсалӣ, 111 стритбол-воркаут, 124 воркаут сохта шуданд. Рӯйхати сохтани 103-то майдончаи варзишӣ тасдиқ карда шуд, ба 92-тоаш замин ҷудо карда шуда, дар 57-тои он корҳои сохтмон оғоз ёфт.

Дар стратегияи «Ўзбекистон – 2030» низ доир ба рушди инфрасохтори варзиш дар маҳаллаҳо, барпо намудани майдончаҳои варзишии универсалӣ, аҳолиро ба варзиш давра ба давра ҷалб намудан эътибори алоҳида дода шудааст.

Боварии комил дорем, ки ислоҳоти соҳаи варзиш на танҳо баҳри рушди варзиши оммавӣ ва интихоби варзишгарони боиқтидор аз байни ҷавонон хидмат мекунад, инчунин бо воситаи варзиш насли ояндаро метавон аз таъсири иллатҳои бегона ҳифз намоем, то онҳо вақти холии худро сермазмун ва самаранок гузаронанд.

Ғайрат АБДИЕВ,
депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.

МАҲАЛЛА ОБОД МЕШАВАД

Ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Бобоҳоҷӣ»-и ноҳияи Пешкӯ аз чор деҳа: Боқимиришкор, Шоваре, Бобоҳоҷӣ, Танируд иборат буда, 4910 нафар аҳолӣ, 905-то хонадон, 1228-то оила дорад ва ҳамаи сокинони ҳудуд тоҷиконанд. Вақте ки мо ба ин ҷо омадем, раиси маҳалла, омӯзгори тарбияи ҷисмонии собиқи мактаби деҳа Баҳром Кенҷаев дар кабинети корӣ ба ҷамъомади селекторияи ҳокими вилоят омодагӣ медид. Ҳамин тариқа ёвари ҳоким Шералӣ Ҷӯраев, фаъоли бонувон Насиба Холова ва роҳбалади ҷавонон Абдуҷамил Шодиев дар кабинетҳои кории худ саргарми машғулияте буданд. Азбаски то сар шавии ҷамъомади селекторӣ якчанд дақиқа вақт буд, суҳбати мо бо раис Б. Кенҷаев самаранок гузашт.

– Имрӯз дар ҳудуди мо як мактаби миёнаи таҳсилоти умумии №18, се муассисаи таълими томактабии давлатӣ, як боғчаи оилавӣ фаъолият дошта, ба мардум се ошхона, даҳ дукон, се корхонаи дӯзандагӣ, се нуқтаи хидмати техникӣ, панҷ сартарошхона хидмат мерасонад, – гуфт вай.

– Боиси хушнудист, ки ба қарибӣ 5 километр роҳҳои дарунӣ деҳаҳоямон бетонфарш ва асфалтпӯш гардиданд. Ҳоло навбат ба таъмир ва асфалтпӯшкунии роҳи асосиамон расидааст. Ҷараёни кор дар арафаи оғозёбист. Дар маҳалла овардани оби ошомиданӣ низ ба нақша даромадааст, – илова намуд ӯ.

Аз суханони фаъоли бонувони маҳалла Насиба Холова аён гардид, ки 2641 нафари аҳолии маҳалларо занон ва духтарон ташкил мекунанд. 161 нафари онҳо шомили «Дафтари бонувон» гаштаанд.

– Азбаски дар ҳудуд ба масъалаи хонакории бонувон эътибори ҷудогона дода шудааст, байни онҳо бекорон нестанд, – гуфт мусоҳибам.

– Дар маҳалла ҷавонони то синни 30-сола 2281 нафаранд, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд роҳбалади ҷавонон Абдуҷалил Шодиев. – Аксарияти онҳо бо машғулият фаро гирифта шудаанд. Ҳарчанд дар ҳудуд ҷойҳои корӣ пайдо кардан мумкин аст, бо вуҷуди ин 264 нафар ҷавонони мо аз Русия кор ёфтаанд. Табиист, ки ҷавонон варзишро дӯст медоранд. Аз ин рӯ чор варзишгоҳ ба хидмати онҳо гузошта шудааст.

Беҳуда нест, ки ҳамдеҳаамон Шавкат Тӯраев дар мусобиқаи байни ҳарбиён оид ба муҳорибаи дастӣ ва сангбардорӣ чемпиони ҷаҳон гардид, – бо ифтихор таъкид намуд Абдуҷалил.

– Солҳои охир сазовори мукофоти давлатии «Мард ӯғлон» гаштани ду нафар хатмкунандаи мактаби рақами 18-уми деҳаамон Ҷаҳонгир Норбоев ва Анварбек Саъдуллоевро шояд худатон медонед... Ногуфта намонад, ҳоло дар «Дафтари ҷавонон» 12 нафар номояндагони ҳудудамон боқӣ мондаанд, – илова намуд вай.

Гуфтан ҷоиз аст, ки дар ҳудуд ёздаҳ хоҷагии фермерии ғаллаю пахтакорӣ фаъолият доранд. Қисми зиёди онҳо нақшаи шартномавии ба давлат супоридани пахтаро бомуваффақият ба сомон расондаанд. Ҷамъомади селекторӣ ба воситаи компутер оғоз ёфту мо бо масъулони маҳалла хайрухуш намудем.

Амрулло АВЕЗОВ,
мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

ТАЪМИНИ ҲУҚУҚ ВА МАНФИАТҲОИ ЗАНОНУ ДУХТАРОН – МАСЪАЛАИ МУҲИМ

Дар замони истиқлоли кишвар таъмини ҳуқуқи занону духтарон, афзоиши фаъолнокии онҳо дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ дар авлавияти сиёсати давлати мо қарор дода шудааст. Метавон гуфт, ки дар ин самт Ӯзбекистон аз таҷрибаҳои хеле беназир бархурдор мебошад ва он дар стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав низ аҳамияти махсусро касб менамояд.

Бешубҳа, ин тарзи кор ба он мусоидат хоҳад кард, ки нақши занону духтарон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва мавқеву манзалати онҳо дар самтҳои гуногун сол аз сол рӯ ба афзоиш овардааст.

Ба ин маънӣ, чанде пеш дар мавзӯи «Таҷрибаи Ӯзбекистон ва кишварҳои узви Созмони ҳамкории исломӣ (СҲИ) дар самти дастгирии занону духтарон» ҳамоиши байналмилалӣ баргузор гардид.

Чанд суол, мисли «Нақш ва мавқеи занон дар ҷомеа, фаъолнокии онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ то чӣ андоза назарнамо мебошад?», «Оё дар кишварҳои узви СҲИ низ аз манфиатҳои занону духтарон баробари мардони он ҳимоя карда мешавад?» мавриди баҳсу баррасиҳо қарор гирифтанд. Дарвоқеъ, ин ҳамоиш дар шаҳри Самарқанд бо ширкати вакилони СММ ва СҲИ, инчунин намояндагони бештар аз чиҳил кишвари дунё ба вуқӯъ пайваст.

Дар кишвари мо сиёсате пиёда мешавад, ки таъмини ҳуқуқу манфиатҳои занону духтарон, таҳкими ниҳоди оила, ислоҳоти куллӣ дар ин соҳа ва натиҷаҳои амалии онро таҳти таваҷҷуҳи хос қарор додааст. Ҳамоиш ҳамзамон ба комёбиҳо ва ташаббусҳо дар соҳаи таҳкими ниҳоди оила, таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои занон дар мамлакатҳои аъзои СҲИ низ эътибори хоса равон кард.

– Як нуктаро басо муҳим мехоҳам арзёбӣ кунам, ки дар заминаи гуфтугӯву муҳокимаронихо иштирокчиёни он бо таҷрибаи пешқадам, равишҳои инноватсионии давлатҳои аъзои СҲИ дар самти дастгирии занон, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо ошно шуданд. Инчунин дар таҳияи пешниҳодҳо оид ба баланд бардоштани фаъолияти занон дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, муайян намудани самтҳои оянддадори ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар соҳаҳои гуногуни сиёсати гендерӣ ва тавсеаи иштироки занон дар таъмини аминияти минтақавӣ, баланд бардоштани самаранокии муборизаи бар зидди таҳдидҳои муосир фаъолона ширкат карданд. Зимнан иштирокчиёни он таҷрибаи солҳои охири Ӯзбекистонро хеле муҳим арзёбӣ карданд, – мегӯяд ноиби Дабири кулли СҲИ дар умури масоили гуманитарӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, намояндаи хоси ин созмон дар Афғонистон Тариқ Алӣ Бахит.

Дар ҳамоиш раиси Кумитаи оила ва занони ҷумҳурӣ Озода Парпибоева иштирок ва суханронӣ кард. Вай иброз дошт, ки ҳамоиш таҳти панҷ баҳш масъалаҳои гуногунро баррасӣ менамояд. Аз ҷумла, дар баҳши аввал, ки «Ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии занон, васеъ намудани иштироки онҳо дар қабули қарорҳо, таъмини баробарии гендерӣ» унвон дошт, баланд бардоштани нақши занон дар рушди устувори кишварҳои узви СҲИ, таҳкими ниҳоди оила, ҳуқуқи занон ва дастоварду ташаббусҳо дар соҳаи таъмини манфиатҳо баррасӣ мешаванд.

Иштирокчиёни ҳамоиш дар чор баҳши дигар доир ба вусъат додани имкониятҳои таҳсилоти занону духтарон, дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва ҷалби васеъ ба IT, ҳамаҷониба дастгирӣ ва ташвиқи ғояҳои нави заноне, ки дар соҳаҳо ва самтҳои гуногуни илму маориф ва иқтисодиёт машғули кор ҳастанд, таъмини ҳуқуқ ва имкониятҳои иқтисодии занону духтарон, шуғли онҳо туфайли дастгириҳои мунтазам дар бахши соҳибкор, ҳифзи арзишҳои оилавӣ ва таҳкими ниҳоди оила дар раванди ҷаҳонишавӣ табодулан назар намуданд.

Дар поёни ҳамоиши таҳти унвони «Таҷрибаи Ӯзбекистон ва кишварҳои узви СҲИ дар соҳаи дастгирии занон» иштирокчиёни он Иттилоияи муштарак қабул карданд. Дар он пеш аз ҳама ҳамкории муассир дар таҳкими муносибатҳои дӯстона, судманд ва баробарҳуқуқ, ҳамсоядории неки байни кишварҳои узви Созмони ҳамкории исломӣ, инчунин масъалаҳое, ки дар ҷараёни ҳамоиш зикр гардидааст, дар Иттилоия ба таври мушаххас инъикос гардиданд.

Саодат БОЙНАЗАРОВА,
котиби матбуоти Кумитаи оила ва занони Ӯзбекистон.

Навъе огоҳем, баъди воҳӯрӣ бо Президент роҳбарони ҷамъиятҳои саҳҳомии «Ӯзтрансгаз», «Ҳудудгазтаъминот», «Ҳудудий электр тармоқлари» ва «Иссиқлик электр стансиялари» ҳисобот доданд ва гуфтанд дар доираи супориши роҳбари давлат аз ҳолатҳои ногувори зимистонгузаронии соли гузашта хулоса бароварда, ба мавсими нав онҳо омодагии ҳарҷониба диданд.

ОМОДАГӢ БА ҲАР ГУНА ОБУ ҲАВО

Аз ҷумла, раиси ширкати «Ҳудудгазтаъминот» Баҳодур Эшмуродов таъкид сохт, қубурҳои нави газ, ки кашида шуданд,1151 километр дарозӣ доранд. Ба андозаи 752 километр қубурҳои газ таъмир гашт.

Назар ба гуфтаи раиси корхонаи нуқтаҳои ҳудудии барқ Улуғбек Мустафоев дар соли 2023 ба сохтори энергетикӣ 14,5 триллион сӯм ҷудо карда шудааст. То ин вақт аз ҷониби 26 ҳазор ходими соҳа 30 ҳазор километр нуқтаҳои барқии камқувват ва 10 ҳазор адад трансформатор аз таъмир бароварда ва 2500-то трансформатори нав гузошта шуд. Режими кории бистучорсоата ташкил ва 1200-то гурӯҳи таъҷилии корӣ таъсис дода шудааст.

Хулоса, роҳбарони сохтори энергетикӣ ваъда медиҳанд, дар мавсими зимистонгузаронии ҷорӣ ба ҳар гуна инҷиқиҳои обу ҳаво ва сардӣ омодаанд, ногувории порсола такрор нахоҳад шуд.

М. ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

ЗАРАФШОН – ШАҲРИ КОНЧИҲО

Зарафшон шаҳрест дар вилояти Навоӣ дар синаи дашти Қизилқум. Бунёди шаҳр ибтидои солҳои 60-уми асри гузашта оғоз ёфта, дар соли 1965 расман мақоми шаҳрро гирифтааст. Дар шаҳри навбунёд биноҳои се, чор, панҷ ва ҳафтошёна қад афрохта буд. Дар ин биноҳо коргарони аз гӯшаву канори СССР омада буду бош доштанд.

Зарафшон шаҳри саноатӣ аст. Коргарон асосан дар кони Мурунтов ва майдончаи саноатии Бессопан ба ҷустуҷӯ ва истеҳсоли тилло машғул мебошанд. Конҳо дар таркиби комбинати маъдани кӯҳии Навоӣ фаъолият доранд. Идораи кони Марказӣ бузургтарин шӯъбаи комбинати маъдани кӯҳии Навоӣ дар шаҳри Зарафшон таъсис ёфта буд, ки дар 29 соҳа ба ҷустуҷӯ ва истеҳсоли металлҳои қимматбаҳо (тилло, уран, нуқра) машғул аст. Солҳои СССР дар кони Мурунтов 30 фоиз тиллои умумии кишвар истеҳсол карда мешуд.

Баъдтар дар таркиби комбинати маъдани кӯҳии Навоӣ корхонаҳои нав ба фаъолият шурӯъ намуданд. Кони «SKVZ» «Auminzo – Amantoy», заводи гидрометаллургияи рақами 5, заводи гидрометаллургияи рақами 7, корхонаи истеҳсолии «Zarafshon oyna», фабрикаи матоъ истеҳсолкунандаи «Agama» ва чанд корхонаи хурду калон аз он шуморанд. Ҷойҳои нави корӣ пайдо шуд. Эҳтиёҷ ба коргарон афзуд. Аз гӯшаву канори ҷумҳурӣ коргарон бо кор таъмин гардиданд. Аҳолии шаҳр афзуд. Имрӯз дар шаҳри Зарафшон беш аз 100000 нафар зиндагӣ ва фаъолияти меҳнатӣ доранд.

Маркази хидмати маъбуоти ҳокимияти шаҳри Зарафшон хабар медиҳад, ки нимсолаи аввали соли равон дар рушди иқтисодиёт, ҳаёти иҷтимоиву фарҳангии шаҳр рушду такомул ба мушоҳида расид. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 320 миллиард сӯмро ташкил дод, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 106,6 фоиз, ҳаҷми истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ба 129,6 миллиард сӯм расид, ки нисбати ҳамин давраи соли сипаригардида 115,3 фоиз афзудааст. Барои сохтмон 193,3 миллиард сӯм сарф гардид. Ҳаҷми экспорти мол нисбати ҳамин давраи соли гузашта 239,5 фоиз афзуда, ба 1,26 миллион доллари ИМА баробар шуд.

Вазъи иҷтимоии коргарон рӯз ба рӯз беҳ мегардад. Агар маоши миёнаи коргарон дар вилоят 5 миллиону 687 ҳазор сӯмро ташкил дода бошад, ин нишондод дар шаҳри Зарафшон 8 миллиону 152 ҳазор сӯмро ташкил медиҳад.

Соли равон бояд ба миқдори 22 миллион доллари ИМА инвеститсияи хориҷӣ ворид карда мешуд. Аллакай ба миқдори 27,5 миллион доллари ИМА ворид гардид. Дар нақша аст, ки то охири сол ин миқдорро ба 52 миллион доллари ИМА расонем. Дар нимсолаи аввали соли равон чор лоиҳа ба миқдори 451,8 миллиард сӯм тадбиқ гардида, шурӯъ ба истеҳсол намудаанд.

Дар шаҳр ба рушди соҳибкорӣ эътибори зарурӣ дода мешавад. Нимсолаи аввали соли равон 167 субъекти бизнеси хурд таъсис дода шуд. Барои рушди «Соҳибкории оилавӣ» 33,5 миллиард сӯм қарзи имтиёзнок пешбинӣ шудааст. Дар нимсолаи аввал ба соҳибкорон 16,5 миллиард сӯм қарзи имтиёздор дода шуд.

Ба мақсади рушд бахшидан ба кори таълиму тарбия, муҳайё намудани имконоти мусоид барои толибилмон ва омӯзгорон аз инвеститсия васеъ истифода бурда мешавад. Бо маблағи 33,885 миллиард сӯм 8 мактаби таълими ҳамагонӣ пурра таъмир гардид. Ба мақсади тарғиби китобхонӣ аз буҷаи давлат солҳои 2017 – 2023 ба ивази 191,1 миллион сӯм 2418 номгӯй китоб ба китобхонаи мактабҳо дода шуд. Кори таълиму тарбия дар шаҳр хуб ба роҳ монда шудааст. Шаҳри Зарафшон тибқи рейтинги миллӣ дар ҷумҳурӣ ҷои панҷум ва дар вилоят дар ҷои дуюм қарор дорад.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти НАВОӢ.

Дарси боғдорӣ

МАВИЗТАЙЁРКУНӢ АСРОРИ ХУДРО ДОРАД

Токпарварӣ яке аз машғулотҳои дӯстдоштаи ман аст. Дар бораи токпарварӣ ва тарзи тайёр кардани мавиз тавсияи чорякасра дорам ва барои ҷавонони ҳаваскоре, ки ин соҳаро пешаи худ карданианд, китоберо бо номи «Боғпарварӣ: дирӯз, имрӯз ва фардо» навиштам.

Дар доманаи харобаҳои шаҳраки қадимаи Кӯрғони Вардонзе дар вақтҳои фориғ аз кори асосӣ токзоре бунёд кардам. Аз 13 намуди ангурҳои қадима ва имрӯзаи воқеъ дар мавзеъҳои гуногуни вилояти Бухоро қаламчаҳо оварда, парвариш намудам, ки ин барои ман бобати ангурпарварӣ ва мавизпазӣ тавсияи зиёд гардид.

Пеш аз ҳама, маълумоти муҳимеро пешкаши муштариёни рӯзнома карданиам. Тавре ки маълуми мост, ангури тоифӣ аз вилояти Тоифи нимҷазираи Арабистон ва ангури шибирғонӣ аз Шибирғони Афғонистон оварда, маҳаллӣ кунонида шуда, бо номи ватани аслӣ номбар шудааст.

Азбаски на ҳамаи боғбонон технологияи тайёркунии мавизро хуб медонанд, дар бозорҳои Шофиркон суроғи шахсоне мешаванд, ки донандаи чунин асрор бошанд. Тайёршавии мавиз ҳезум ва вақти бисёр талаб мекунад, ки аз ин сабаб шахси ин касбро интихобнамуда пеш аз ҳама бояд басабру батамкин бошад.

Мавизҳое, ки аз ангури тоифӣ маҳз дар Шофиркон тайёр карда мешавад, аз чиҳати хуштаъмӣ, арзонию шифобахшиаш харидоргир мебошад. Барои ин навъи «султонӣ»-и ангури тоифӣ дар майдонҳои ҳавокаш паҳн карда, хушконида, пас дар сандуққои махсус андохтаву то зимистон нигоҳ дошта мешавад.

Ҳаво чӣ қадаре ки сард шавад, ҳамон қадар ин навъи мавиз ширинтар шуда, таъми хоса пайдо мекунаду ба қавле «шакараш ба бадаш мезанад». Дар зимистон хусусияти гарм нигоҳ доштани гурдаро соҳиб аст, ки ба маризии гурда ва халтаи пешоб шифо мебахшад. Ин навъи мавиз аз нимаи аввали моҳи сентябр тайёр карда мешавад. Азбаски хеле ширин аст, агар то 25 сентябр ҷамъоварӣ нашавад, луқмаи замбӯрҳои зеризаминӣ мегардад. Бино бар ин, боғбонон то ин дам кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки онро ғундошта гиранд.

Барои омодакунии мавизи тоифӣ онро ба ишқор, ки аз хокистари ҷангал, саксавули сафеду боз як навъ гиёҳи сурхтоб дар об ҷӯшонида тайёр мекунанд, кам-кам ба оби деги ишқор ҳамроҳ карда, сӯхта мегиранд.

Ангури шибирғонӣ дар мо аввал дар воҳаи Сурхондарё, пасон дар заминҳои ҳамшафати чӯли Қизилқуми Бухоро — токзорҳои ҳазорбоғи ноҳияи Рометан пухта мерасанд. Аз ин сабаб корчаллононе, ки бо савдои ангур шуғл меварзанд, баъди Сурхондарё ба боғҳои Бухоро мешитобанд. Ангури шибирғон ба нимаи дуюми моҳи август расида, канда хушконида мешавад. Аммо ин ҳангом тайёр кардани мавиз каме сахт ва таъмаш муътадил мешавад. Ангурҳое, ки баъди 25 август канда, паҳн карда мешавад, бо ширинии нармиаш табъи дил аст. Ин навъи мавиз бо хушхӯрӣ ва сифати алоҳидаи худ басо харидоргир. Ин мавиз ба муътадил кардани фишори хун, маризии узвҳои ҳозима шифо мебахшад. Барои қувватбахшӣ саҳар пеш аз нонушта хӯрдани 20 донаи он тавсия дода мешавад.

Дар Бухоро, ки нисбати Самарқанд нури офтоб баландтар аст, мавизи соягӣ ҳам тайёр карда мешавад. Барои ин ангурҳои доманаи токро канда, аз нӯги сар ба ресмон баста, дар болорҳои хонаи ҳавокаш чаппа овехта мемонанд. Шабона тамоми дарҳои хонаро боз карда, дар субҳи содиқ азнав мепӯшонанд. Азбаски дар соя хушконидани он вақт ва эътибори дуру дарозро меписандад, бисёриҳо аз ин кори пурмашаққат мегурезанд.

Ангури кишмиши сафед низ дар нимаи дуюми моҳи август канда, хушконида мешавад. Ин намуди ангур чӣ қадар дар дарахти ток монад, ҳамон қадар санг зер мекунад. Шифобахшии мавизи ангури кишмиши сафед нисбати мавизҳои дигар бештар аст. Он дар хонаи кам офтобдарову ҳавокаш хушконида мешавад, ки чунин мавиз низ «мавизи соягӣ» номбар мешавад.

Соҳибкорони деҳаҳои Камонгарон ва Фӯси ноҳияи Ургути вилояти Самарқанд асрори тайёркунии чунин навъи мавизро хуб азхуд намудаанд. Корчаллонон ба мавзеъҳое, ки кишмиши сафед пухта расидааст, омада чунин мавизро омода мекунанд, ки дар ин ҷараён низ ишқор истифода мешавад.

Аз 4,5-5 кило ангури кишмиши сафед 1-1,2 кило мавиз гирифта мешавад, Агар он дар дарахти ток бештар истад, дертар аз 3,5-4 килои он як килограмм мавиз гирифта мешавад.

Барои 1 кило мавизи ангури тоифӣ 5,5-6 кило ангур ва барои 1 кило мавизи ангури навъи «ғалаба»-и қарачанҷол 8-9 кило ангур лозим мешавад.

Дар Бухоро ангуре бо номи «обӣ» мавҷуд, ки самарқандиён онро «васарға» мегӯянд. Об дар таркиби чунин ангур бисёр буда, табибон мавизи онро давои бемории қанд мешуморанд, дараҷаи шифобахшии дар соя хушккардаи он баландтар аст.

Алимурод ТЕМИРОВ,

ноҳияи Шофиркони вилояти БУХОРО.

Дар нигористон

Чунин ном дорад намоиши асарҳои мусаввири номдори Самарқанд Аҳмад Умаров, ки дар нигористони Чорсӯи Регистон бо ташаббуси шуъбаи вилоятии Иттифоқи рассомон оғоз ёфт .

«ИБТИДО»

Ба ҳукми мухлисони санъати тасвирӣ беш аз 50 амалиёти мусаввир гузошта шуд, ки аз истеъдоди баланд ва гуногунҷабҳаи эҷодкори рангинхаёл гувоҳӣ медиҳад.

Ба муносибати оғози чорабиниҳои мазкур академик-рассом Аслиддин Исоев, ректори Донишгоҳи байналхалқии технологии Самарқанд профессор Юсуф Абдулло, муҳаррири рӯзномаи «Каттақӯрғон тонги» Толиб Ҳамидов, роҳбари шуъбаи вилоятии Иттифоқи рассомони Ҷумҳурии Ӯзбекистон Нуриддин Калонов ва дигарон ба сухан баромада, доир ба эҷодиёти қолиби диққату эътибори мусаввир ҳарф зада, комёбиҳои нав ба нав таманно намуданд.

Сипас ҳозирон бо асарҳои нотакрору ҳунармандона эҷод шудаи Аҳмад Умаров шинос шуданд. Расмҳои «Замини падарон», «Харобот», «Омадани Имом Бухорӣ ба деҳаи Хартанг», «Ҳукмрони Самарқанд Баҳодур Ялангуш дар сохтмони Шердор», «Шоҳизинда», «Зан», «Ибтидо» ва ғайра ба тамошобинони нуктасанҷ таассуроти хотирнишон гузошт.

Бояд таъкид намуд, ки асарҳои Аҳмад Умаров дар нигористонҳои Русия, Фаронса, Амрико, Италия, Англия, Ҷопон, Куриёи Ҷанубӣ ва дигар кишварҳои ҷаҳон нигоҳдорӣ мешаванд.

– Ман аз ноҳияи Тайлоқ, – гуфт мусаввир, – бинобар ҳамин аксарияти образҳои офарида ва дар намоишгоҳ гузоштаам мардуми кишоварз, боғпарвар, чорводорон мебошанд.

Баҳодури ЗОҲИР,

вилояти САМАРҚАНД.

МАҲФИЛИ ШЕЪР БАРГУЗОР ГАРДИД

Боиси хушҳолист, ки як иддаи хонандагони фаъол дар чорабиниҳои фарҳангӣ, маҳфилҳои шеърхонӣ фаъолона ширкат меварзанд. Аз ҷумла, дар саҳифаи «Оё медонед?»-и телеграм, ки устод Тоҷиддин Шодиев якчанд маротиба ба таври фосилавӣ маҳфили шеърхонӣ баргузор намуд, шогирдон хеле хуб иштирок намуда, ташаккурномаҳо гирифтанд.

Чанде пеш узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон, шоир Муҳаммад Акаҷонов бо ҳамроҳии роҳбари бахши вилоятии Иттифоқи нависандагон Меҳрубон Абдураҳмонова, раиси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони вилояти Ҷиззах Абдукарим Шарифов, устоди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Ҷиззах Элмурод Насруллоевҳо меҳмони мактаби мо шуданд. Дар ин чорабинии фарҳангӣ тақдимоти китоби тозанашри Муҳаммад Акаҷонов низ доир гардид. Хонандагон аз эҷоди шоир намунаҳо аз ёд хонданд. Устоди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Ҷиззах Элмурод Насруллоев гуфт, ки шоир аз афоризму мақол ва панду андарзҳо ба таври фаровон истифода мебарад. Чунончӣ, дар ҷое мегӯяд, ки аҳливу тифоқии олам аз аҳлии бародарон шурӯъ меёбад, ё худ шом ояд нур, дард ояд ҳузур гурезад.

Холбой ШОМУРОДОВ,
китобдори мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 46-уми ноҳияи Фориш.

Варзиш

ОФАРИН, АФРӮЗА!

Дар Италиия чемпионати ҷаҳон аз рӯйи шоҳмот дар байни наврасони аз 14 то 18-сола ба поён расид, ки дар он аз 92 кишвари дунё 760 нафар барои ғалаба талош варзиданд.

Хонандаи синфи 8-уми мактаби миёнаи рақами 42-юми шаҳри Самарқанд Афрӯза Ҳамдамова байни ҳамсолони худ чемпиони ҷаҳон шуд, ки дар байни духтаракон нахустин қаҳрамон аст.

Вақте ӯ чорсола буд, падараш Акбарҷон Ҳакимов бо амакҳояш рӯйи тахта дона ронда калимаҳои «кишт», «мот», «фарзин», «рух» истифода мебурданд, ки барои ӯ тамоман бегона буданд. Аз бозӣ ба вачд омада, дар ғайби қиблагоҳаш тахтаи шоҳмотро гирифта, гӯё мебозид ва ба ҳарифаш «мот» мегузошт. Падараш ҳаваси фарзандро дида, бо муҳраҳои шоҳмот шинос кард ва баъди он ки аз Сариосиёи Сурхондарё ба Самарқанд кӯчида омаданд, назди Шаҳоб Ҳамроқулов (рӯҳаш шод бод) оварда гуфт, ки ба шогирдӣ қабул карда, ин бозии ақлу хирадро ёд диҳад.

Афрӯза дар байни ҳамсолонаш бо ғайрату шуҷоат, интизомнокӣ, қатъият фарқ дошт, ки дар муддати кӯтоҳ комёбиҳои назаррасро ба даст оварда, мураббиёнро ба ҳайрат гузошт.

Ӯ дар 7-солагӣ дар Эрон, сипас дар Бразилия, Русия, Руминия, Қазоқистон, Туркия ба шоҳсуфаи баланд баромад.

Қаҳрамонии ӯ дар Италия боиси ифтихор аст. Зеро вай аз сабаби мушкилоти визаи Шенген як рӯз дер ба чемпионат омада, як холро аз даст дода бошад ҳам, аз 9 бозӣ ба 9 ғалаба соҳиб шуд. Хушбахтона бо ин комёбӣ чемпиони ҷаҳон гардид.

Баъди эълон шудани натиҷаҳои мусобиқа мо ба Италия занг зада, ӯро аз номи мухлисони рӯзномаи «Овози тоҷик» табрик гуфтем ва барояш, комёбиҳои нав ба нав таманно намудем.

– Вохӯрии охирин ниҳоят пуршиддат анҷом ёфт, – иброз дошт Афрӯза, – аммо масъулият дар назди кишвари азизамон, ғамхории саркори давлатамон мо — варзишгаронро водор сохт, ки бозиҳоро бо ғалаба анҷом диҳем.

Дар толори мусобиқа ба ғайр аз мухлисон падараш, устодаш ҳозир буданд, ки бешубҳа ба ӯ рӯҳи тоза бахшид.

– Соли оянда дар Самарқанд олимпиадаи навбатӣ оид ба шоҳмот баргузор хоҳад шуд. Мақсад қаҳрамон шудан аст, – мегӯяд вай.

Бояд таъкид намуд, ки ҳоло дар Самарқанд ҳафт нафар гроссмейстер ҳамчун аъзои дастаи мунтахаби ҷумҳурӣ шарафи кишвари моро ҳимоя мекунанд.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

«КӮҲСОР» – ҶОЙИ ДУЮМ

Варзишгарони ҷамоаи шаҳрвандони маҳаллаи Кӯҳсори ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарё дар як сабқати ҷумҳуриявӣ миёни тимҳои волейболбозони кишвар ҷойи дуюмро ишғол намуд.

Ин тими ҷавонон дар байни ҷавонписарони синни 22-26-сола дар мусобиқаи ҷумҳуриявии лигаи «А», ки дар шаҳри Тошканд натиҷаи назаррасеро ба даст овард. «Кӯҳсор» ба финали сабқат расид, аммо дар ниҳояти муборизаҳо ба дастаи волейболбозони вилояти Бухоро ҳисобро бохт ва ҷойи дуюмро соҳиб гардид.

– Мусобиқа хеле ҷолиб анҷом ёфт. Мо то буди имкон ҳаракат намудем, ки ғалаба ба даст оварем. Доварон низ аз адолат кор гирифта, баҳои муносиб гузоштанд. Имсол ҷиддӣ омодагӣ мегирем ва дар мусобиқаҳои оянда ғолиб хоҳем омад, – гуфт сарвари дастаи волейболбозони «Кӯҳсор» Искандар Султонов.

Аз 9 нафар узви даста панҷ нафар омӯзгорони ҷавоне маҳсуб меёбанд, ки дар мактаби рақами 60 ба фарзандони мардум аз фанҳои мухталиф дарс медиҳанд. И. Муродқулов, И. Раҳмонов, И. Нуриддинов, А. Нуриддинов ва О.Алимуродов аз зумраи чунин омӯзгорони мактаб ҳастанд, ки ҷуз садоқат ба пешаи худ дар кори тарғибу ташвиқ ва ривоҷ додани соҳаи варзиш дар байни ҷавонон ҳиссаи муносиб мегузоранд.

Азбаски зимистони ин мавзеъ ба дарозо мекашад, ҷавонон барои босамар ва хуш гузаронидани вақти бекори худ дар толори варзишии мактаб ҷамъ меоянд ва машғули бозии волейбол мегарданд. Онҳо ба дастаҳо ҷудо шудаву пайваста байни ҳам мусобиқаҳо доир намуда, нозукиҳои онро бештар азхуд месозанд. Дар тӯю тантанаҳои мардум ҳам аз намуди волейболи варзиш мусобиқаҳо доир мегардад, ки назирашро дар дигар маҳалҳо кам дучор меоем. Ин ҳама аз завқи баланди ҷавонон ба варзиш, хоса, ба намуди волейболи он шаҳодат медиҳад.

Шарофқул НОРОВ,
директори мактаби рақами 60-уми ноҳияи Китоб.

АВҶИ КАМОЛОТ

Майли тамошобини имрӯз бештар ба мазҳака аст. Садамаҳо, тозондани аробача дар долони сиҳатгоҳ, дар як ҳоли вазнин хобравӣ дар кати беморхона, ки дар филмҳо намоиш меёбанд, мумкин аст ба кас нохушӣ бахшанд. Хусусан ба одамони калонсол.

Беҳуда нагуфта будаанд гирёндан не, хандондан ҳунар аст.

Барои бардоштани кайфияти тамошогар дар саҳнаҳое ҳам, ки драмавианд, коргардонҳо лутф ва юмори нозукро ҷо додаанд. Айни замон филм, спектакл ё намоишҳои телевизионие, ки соф ҳаҷвианд, хеле зиёд. Вале на ҳамаашон мақбул. Механдонам, гуфта баъзан «бетамизӣ» мекунанд актёрҳо.

Дар қисмате аз филмҳо унсурҳои драмаву мазҳака бамаврид омехта шудаанд. Бо тамошои онҳо, ки «кинокомедия»-анд, нафақат механдӣ,боз ба хаёл меравӣ, яъне омехтаи ҳузн аст ваҷду сурури дилат. Бо ҳис кардани ҳақиқати талхи ҳаёт бадарҷ лабханд мезанӣ. Масалан, бо тамошои «Мафтуни туям», «Исёни арӯсон», «Овозаҳо дар маҳалла», «Дуэл дар зери чанор», «Шодиёна» барин картинаҳо, ки истеҳсоли «Ӯзбекфилм» мебошанд.

Силсилафилмҳои коргардони номвари рус Леонид Гайдай, гарчи даҳсолаҳо пеш офарида шудаанд, мисле ҳануз «оҳар» гум накардаанд. Ё филмҳои коргардон Элдор Рязанов. Даҳҳо бор дидаем.

Филмҳои хуби миллӣ низ ҳастанд. Масалан, «Баракаашро диҳад» (муаллифи сенария Ғафур Шермуҳаммад).

Ба эҷоди бисёрпаҳлӯи Ғафур Шермуҳаммад аз дер бо чашми мушоҳида менигарам. Дар кадом жанре нанависад, аз асар то асар пеш меравад. Нависандаи дақиқназар, айни замон, яке аз беҳтарин филмноманависҳост.

Вай зодаи ноҳияи Чироқчии вилояти Қашқадарё, баъди хатми факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон дар рӯзномаҳои «Халқ сӯзи», «Қишлоқ ҳаёти», пасон дар Агентии миллии «Ӯзбеккино» ҳамчун сармуҳаррир, дар Иттиҳоди нависандагон ба сифати ҷонишини раис фаъолият бурд. Ӯ, гарчи ҳоло дар вазифаи бештар масъулиятталаби давлатист, ҳамон ба қаламу коғаз ошност. Бори маъние, ки ҳикояҳои тозаташ мекашанд, ишораест ба чӣ тавр масъулии адабиёт дар назди ҷамъият.

Ғафур муаллифи якчанд маҷмуаҳост. Хусусан, дафтарҳои ӯ «Аспи саман»(д) ва «Дар роҳи Лангартоғ», ки қиссаву ҳикоёташро фаро гирифтаанд, аз ҷониби китобхонҳо хуб истиқбол шуданд.

Вай баробари повесту ҳикоя дар драматургия табъ озмуд ва собит сохт дар таълифи осори саҳнавӣ низ дасти баланд дорад. Песаҳояш «Фарёд дар қаъри чоҳ» ва «Афсонаи Париқишлоқ» дар саҳнаи Театри мусиқӣ-драмавии ба номи Муқимӣ, «Чашмонат хол дорад» ном асараш аз ҷониби Театри вилоятии Самарқанд намоиш дода шуданд.

Намоишҳои бомуваффақият ба вай рӯҳ бахшид ва барои иншои филмномаҳо ҷуръат пайдо кард. Хоссатан солҳое, ки дар «Ӯзбеккино» кор мекард, ба асарҳои кино, фаъолияти киносозҳо ва вазифаҳои муҳиме, ки дар назди ходимони синамо гузошта шудаанд, аз наздик ошно гашт. Баробари ҷиддан хондани сенарияҳо барои кино ва додани тавсияву маслиҳат ба муаллифон худаш ҳам дар канор наистод ва дар давоми чанд сол аз ҷониби «Ӯзбекфилм» дар асоси асарҳое, ки навишт, якчанд асар ба экран баровардааст шуд. «Савора», «Аросат», «Ҳамсоягон» (дар ҳаммуаллифӣ бо М. Низанов), «Тӯй дар таъзия», «Зани фиребхӯрда», «Хонаи бахт» (дар ҳаммуаллифӣ бо А. Бектурдиев), «Чоҳ» барин филмҳо, маҳз барои он ки сенарияашон хеле баланд ва шавқангез иншо шудааст, ба тамошобинҳо писанд омаданд ва баҳои арзанда гирифтанд.

Яке аз онҳо филми «Савора», ки ба арзишҳои ба худ хоси мардуми маҳал бахшида шуда, чиҳатҳои характерноки мафкураи миллӣ дар он талқин ёфтаанд. Ин филм дар киночашнвораи байналхалқӣ доир ба варзиш соли 2009 дар Италия мукофоти асосиро гирифт. Дар киночашнвораҳои «Хазонрез»-и Русия ва «Киноазиада»-и Қазоқистон низ ба мукофот сазовор гашт.

Воқеаҳое, ки Ғафур Шермуҳаммад дар филми «Чоҳ» ба қалам додааст, дар давраи шӯравӣ, дар яке аз саҳроҳои камодам рӯй медиҳад. Қаҳрамони асосӣ Лаллай ном сокини оддии деҳа (М. Абдулхайров), ки умраш бо чоҳканӣ гузаштааст. Вай барои меҳнаташ аз одамон чизе талаб намекунад. Мазмуни ҳаёташ ба мардум некие кардану бас. Ҳар қадар ба халқ сидқидилона хидмат кунад, вай ҳамон қадар хурсанд. Як даҳон раҳмат шунавад, гӯё орден гирифтааст.

Лаллай дар ҷараёни чоҳкобӣ бо одамҳои гуногунхислат ҳамсуҳбат шуда, саргузаштҳои ачибро аз сар мегузаронад. Дида ва шунидаҳояшро ба тарозуи ақл баркашида, ниҳоят, ба як хулоса меояд: то кам нашавӣ, бисёр некӣ кун.

Филми «Чоҳ» дар чашнвораи байналхалқӣ соли 2015 дар Таллин иштирок намуд. Ин филм саҳл пештар дар киночашнвораи «Киношок»-и Русия ва барномаи асосии киночашнвораи байналхалқии Қазон низ ширкат ҷуста ва мавриди эътибори тамошобинони хориҷӣ гардида буд.

Баробари филмҳои бадеӣ дар асоси сенарияҳои нависанда ва филмноманависи сермаҳсул Ғафур Шермуҳаммад даҳҳо филмҳои мултипликатсионӣ ва ҳуҷҷатӣ ба сурат бардошта шудаанд.

Қиссаи «Ақчагул», романҳои «Хоби охират», «Кӣ ошиқ нашудааст» ва «Душман»-и нависандаи қароқалпоқ Муродбой Низановро ба ӯзбекӣ баргардонд ва дар олами адабиёт чун мутарҷим низ худро шиносонд.

Чанд асари дар шакл ва навъ гуногуни адиби шинохта дар озмун-азназаргузорониҳои ватанӣ бахшида ба истиқлолият аз сафи ғолибон ҷой гирифтааст.

Дӯсти ҳамқалами мо Ғафур Шермуҳаммад соли равон 50-сола гашт. Ба вай, ки алъон дар авҷи камолоти эҷодист, парвозҳои тоза орзумандем.

Муҳаммадҷон ШОДИЕВ.

Байни хонандагони мактабҳои тоҷикии ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ зинаи ноҳиявии озмуни забон ва адабиёти тоҷик баргузор гардид. Дар озмун толибилмони ғолиби панҷ мактаби тоҷикии ноҳия иштирок намуданд. Озмун дар мактаби рақами 5-уми шаҳри Нурато барпо гардид.

ОЗМУНИ НОҲИЯВӢ БАРГУЗОР ГАРДИД

Мутобиқи Низоми озмуни ноҳиявӣ хонандагон бояд ҷавоби дурусти тестҳоро муайян мекарданд. Ҷавобҳои хонандагон низ аз ҷониби доварон баҳогузорӣ гардид. Ва ошкор буд, ки доварон аз калимасозиву ҷумлабандӣ, тарзи баёни хонандагон огоҳӣ наёфтанд.

Толибилмони синфҳои 9, 10 ва 11-уми мактабҳои тоҷикӣ барои гирифтани роҳхат ба озмуни зинаи вилоятӣ муборизаҳо бурданд. Ҳар як саволнома 30 савол дошта, ҷамъи ҷавобҳо иборат буд аз 50 холи максималӣ.- Ҷавобҳои хонандагони синфи 9 аз ҷониби доварон ба тариқи зайл ҷамъбаст гардид: толибаи мактаби рақами 49-ум Дилнура Ҳасанова бо 32,1 хол ҷойи аввал, хонандаи мактаби рақами 21-ум Искандар Нарзуллоев бо 31,5 хол ҷойи дуюм ва толибаи мактаби рақами 43-юм Ганҷина Ҷумъаева бо 30 хол дар ҷойи сеюм қарор гирифт. Хонандагони синфи 10-уми мактаби рақами 30-юм Ҳулкар Расулова ва Манижа Шавкарова мутобиқан бо холҳои 30,6 ва 25,7 хол ҷойҳои якум ва сеюмро ишғол намуда бошанд, хонандаи мактаби рақами 49-ум Умеда Додоева бо 26,8 хол дар ҷойи дуюм қарор гирифт.

Толибаи синфи 11-уми мактаби 49 Фархунда Ҳасанова бо 41,2 хол дар зинаи аввал ҷо гирифта бошад, толибилми мактаби рақами 30 Шукрона Суярқулова бо 32,5 хол ҷойи дуюм ва хонандаи мактаби рақами 43 Сабрина Ҳусенова бо 30 хол ҷойи сеюмро ишғол намуд. Таъкид бояд дошт, ки чанде пеш толибаи мактаби 30 Шукрона Суярқулова байни хонандагони 53 мактаби ноҳия дар озмуни фанни таърих иштирок намуда, ҷойи дуюмро ишғол намуда буд.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти НАВОӢ.

НОН, КИ ҲАЛОЛ ШУД, НОМ ҶИЛО МЕДИҲАД

Усто Худойқули боғучорбоғӣ тани арақшори худро аз дами ноҳинҷори кӯраи оҳангарӣ ақиб кашида, як дам ба паноҳи сояи девор гирифт. Албатта, ин ҷо нисбатан муътадил аст ҳаво, кор кардан ҳам роҳатбахш. Устохонаи оҳангарии ӯ аз як бинои назарногире иборат буда, дар лаби роҳи калони деҳа воқеъ гаштааст. Ин бинороро устои пир ба неруи худ бунёд карда, чандин сол аст, ки мунтазам «меҷунбонад» ва маҳсули меҳнаташ дастбадаст гузашта, чӣ хуб аст, ки дар байни бошандагони ҳамин обрав, ки Боғучорбоғ меноманд ва ғолибан сарманшаи кулли тоҷикони ноҳияи Деҳқонобод маҳсуб меёбад, хеле маъруфият пайдо кардааст. Мардум ба ҳунари ин устои пир арҷ мегузоранд, пайваста олоти сохтаи ӯро харидорӣ намуда, дар зиндагии рӯзмарраи худ истифода мекунанд. Мардуми минтақа нек медонанд, ки усто Худойқул Муъминов дар соҳаи оҳангарӣ як шахси тасодуфӣ нест, балки аз пуштаи устоҳои номвари ин макони ҳунархез буда, ҷадди бошарафи ӯро Усто Боймурод меномиданд. Вай аз устоҳои ангушнамои ин музофот буд, ки маҳсули дастони муъҷизофараш ҳамаро дар ҳайрат мегузошт ва он замонҳо одамон аз барои харидани асбобҳои омоданамудаи ӯ аз навоҳии дури вилоят низ меомаданд. Усто Муъмин писари Боймуроди оҳангар аст, ки пушти дуюми ин сулола маҳсуб мешавад. Зурриёташ Усто Худойқулу Ҷумъақул минбаъд касби падарро аз дилу ҷон идома дода, шуҳрати хонадонро боз ҳам баланд бардоштанд. Усто Сафаралӣ – насли ҷаҳоруми оҳангарони боғучорбоғӣ, писари Худойқул аст. Вай ҳам дар пешаи оҳангарӣ шуҳратёр гаштааст. Онҳо дар гӯшаву канори деҳа устохонаи худро ҷӯр карда, ниёзи мардумро ба маҳсулоти оҳанӣ, хоса асбобу анҷоми кишоварзӣ, олоти зарурии рӯзгор, афзори аспу дигар ҳайвоноти хонагӣ бароварда месозанд. Аммо пӯшида нест, ки ҳоло маҳсулоти филизии заводҳо бозорҳоро забт карда, мардум ҳам бештар ба он колои арзон майл доранд. Аз ин сабаб як навъ роҳи худро ба самти коргоҳҳои оҳангарӣ тағйир додаанд. Коргоҳҳои оҳангарон солҳои охир дар рақобати озод ном монда, ногузир вусъати кори худро маҳдуд карданд. Дар чунин рақобати берахмона чандин дӯкони оҳангарӣ дар Боғучорбоғ ҳам муфлис шудаву соҳибонашон – оҳангарони чирадаст аз барои пайдо кардани рӯзии худ тағйири касб намуданд.

(Давомаш дар саҳ.4).

САЛОМ

«Салом» яке аз пурмаъnotарин калимаҳои арабии иқтибосӣ дар забони мост, ки ҳамтои куҳани тоҷикии он «дуруд» мебошад. Ҳама маъноҳои аслӣ ва маҷозии «салом» мусбат аст: сулҳ, оштӣ, дуруд, саломат, поку барӣ будан аз айбу нуқс, итоат, хайру хубӣ ва ғайра. Ислом низ аз ҳамин реша аст.

Зоҳиран маънои ин калима ба ҳар яки мо ошност ва зарурати баррасии он дар миён нест, аммо сабаби рӯҳӣ ба ин мавзӯъ он шуд, ки боре як барномаи радиоӣ махсуси баҳс дар мавриди «салом» ва навъи корбурди шифоҳӣ ва катбии ин калима дар танҳоӣ ва дар таркиби ҷумла буд ва бо ин суол ба инҷониб низ муроҷиат шуд.

Бояд гуфт, ки ба ин мавзӯъ бештар аз дидгоҳи ахлоқӣ ва одоб (этика) назар шудааст, чун «салом» ва салом додан муқаддима ва тоҷи одоб аст. Ин мавзӯъ дар ҳама расолаҳои ахлоқии куҳан ва нав муфассал баррасӣ шудааст ва ба назар мерасад, ки риояти сиҳҳати забонии ин калима ҳам ҷузъи аввали ин одоб мебошад. Яъне, дуруст, ба саропат, лаҳну оҳанги муносибу шоиста ва бо самимият баён кардани он, ки беш аз ин фаротар аз доираи баҳси мост.

Аммо баҳси мазкур бештар сари ин нукта буд, ки баъзеҳо мегӯянд, танҳо «салом» гуфтан раво нест ва бояд «ассалому алайкум» гуфт ва баъзан намунаҳои беш аз инро ҳам ёдоварӣ менамоянд. Дар ин маврид лозим ба зикр аст, ки сурати такмилии салом ҳамроҳ бо таҳиййт бахше аз намоз аст, ки онро дар байни мардуми тоҷик бештар ба калимаи қадими тоҷикии «дуруд» («Аттаҳиййт бо дурудҳояш») баён мекунад ва бо таркиби «ассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳ» поён меёбад ва касоне, ки ба ин маориф наздиканд, дар салом бар якдигар низ ҳамин таркибро ба кор мебаранд.

«Салом», «ассалом» ба сурати танҳо аз замонҳои куҳан корбурд доштааст. Ҳам дар назм ва ҳам дар наср:

Магар бо дуруду салому паём,
Ду кишвар шавад з-ин сухан шодком.

Фирдавсӣ.

Саломе чу бӯйи хуши ошноӣ,
Бар он мардуми дидаи рӯшноӣ.

Ҳофиз.

Ассалом, эй олами асрори Раббулоламин,
Вориси илми паямбар, фориси майдони дин.

Мӯҳташами Кошонӣ.

Дар айни ҳол бояд қайд, кард, ки «салом»-и танҳо дар мавқеъи масдар ва исм ҳам меояд ва дар таркибҳои «салом кардан, салом додан, салом гуфтан» ин нукта равшан аст ва вақте мегӯянд «ман салом кардам» метавонад ин хабарро бирасонад, ки «ман ба касе гуфтам: «ассалому алайкум» ва беш аз ин ҳам.

Аммо дар баёни салом он чи табдил ба ғалати ом шуда ва борҳо аз расонаҳои умумӣ низ ба гӯшу чашм расидааст, ин аст, ки мегӯянд «саломат бар алейк» ё «алейкат бар салом», ки ҳеч маъно надорад. Асли баён он аст, ки гӯянд «ассалому алайкум» ва «ва алайкум ассалом», ки аввалӣ аз се ва дувумӣ аз чор ҷузъ (калимаҳои арабӣ) иборат аст: «ассалом+ъалай+кум» «салом+бар+шумо» ва «ва+ъалай+кум+ассалом» «ва (низ, ҳамчунин) +салом+бар+шумо», ки дар мавриди дувум бидуни «ва» ҳам имкон дорад.

Ба сурати танҳо «ассалому(н)+ъалай+к(а)» «ва+ъалайк(а)+ассалом» низ вуҷуд дорад, ки «салом+ бар+ту» ва «ва (низ, ҳамчунин)+салом+бар+ту » мешавад:

Сунбула бо ёсуман гуфт: саломун алайк,
Гуфт алайк-а-ссалом, дар чаман ой, эй фато.
Ту мехиромию хуршеду моҳ дар пайи ту,
Ҳамедаванд, ки эй хушлиқо, салом алайк.

Мавлоно.

Ҳамчунин саломун алайҳ, саломун алайҳо, саломун алайҳум, саломун алайҳумо низ марсум аст, ки вобаста ба замир (бандакҷонишини шахс), шумора ва ҷинси он мебошад (алайҳ бар ӯ, алайҳо бар ӯ (зан), алайҳум бар онҳо, алайҳумо бар онҳо (ду нафар)) ва ин таъбирҳо асосан барои дуруд фиристодан бар равони бузургон истифода мешаванд.

Алайк гуфтан (гирифтан) ба маънои ҷавоби салом собиқа дорад.

Шахсе, ки посухи саломро медиҳад, зеҳнан метавонад «салом»-и мухотабашро дар назар бигирад ва танҳо бигӯяд «ва алайкум» (ва низ бар шумо), яъне ҳамон салом, ки додед. Дар хусуси назокати корбурди ин шева аз Паёмбар (с) ривояти омӯзандаест, ки авҷи одобро нишон медиҳад. Дар ин ривоят омада, ки Паёмбар (с) дар роҳ бо ҳазрати Ойиша (р) мерафтанд, ки аз назди онҳо ҷамъе аз нохайрхоҳон гузаштанд ва хитоб ба онҳо гуфтанд: «Ассому алайкум». Паёмбар (с) бо чеҳраи боз ва тамкин фармуданд: «Ва алайкум». Аммо ҳазрати Ойиша (р) барошуфтанд ва бар онҳо хитоб карданд: «Сом (марг) бар шумо, сам (заҳр) бар шумо…» Баъди дур шудани онҳо Паёмбар (с) фармуданд: Набоист ба онҳо бо хушунат ҷавоб бидиҳӣ, ман гуфтам «ва алайкум» яъне «ҳамчунин бар шумо», ҳарчи дода буданд бар онҳо баргашт.

Дар ин ривоят ишорати нозукест, бар риояти каромати салом ва ҳамчунин ин маъно, ки шояд мавридҳое сӯитифоҳум роҳ ёбад ва бо иктифо ба «ва алайкум» мавзӯъ ҳал мешавад ва мақоми волои посухдиҳанда маҳфуз мемонад.

Хулоса: Дар хитоб: Салом, ассалом, ассалому алайкум; дар ҷавоб: салом, ассалом, ва алайкум, ва алайкум ассалом ҳар яке саҳеҳ мебошанд ва ҳар нафаре ҳам метавонад бо тавоҷҷуҳ ба муҳит ва фазои маънавию фарҳангӣ аз он чи дар суннатҳои хубу саҳеҳ ҳаст, ҷузъе бар он биафзояд, берун аз такаллуф ва таассуб.

Рустами ВАҲҲОБ.

НОМА БА ДӮСТ

(Тарона)

Зебои зебоям! Ёд кардам туро. Ёд кардам он рӯзу шабонеро, ки сармаст аз бодаи ҳавову ҳавое дар кӯчаҳои зиндагӣ қадам мезадем. Ёд кардам он лаҳзаҳоеро, ки сари ҳар моҳу сол чун моҳии аз об дурафтода сӯят талош меварзидам. Садои ханда, шӯхӣ ва ҳазлгӯйии мо хонаву ҳавлии туро фаро мегирифт. Тифлаконат аз гуфтаҳо, саргузаштҳои мо чизе нафаҳмида, ҳайрон сӯямон нигоҳ мекарданд.

Дӯсти ҷониям, ту барои ман ҳам дар баҳору тобистони зиндагӣ ва ҳам дар фаслҳои баъдӣ, мисли он ки бори аввал дидаму ошно гаштам бекина, одамдӯст, меҳмоннавоз, дилкушод, шӯх, ҳазлкаш боқӣ хоҳӣ монд. Гарчи имрӯз зимистони умр ба мо таҳдид мекунаду пайроҳаҳои зиндагӣ дар ҷабинамон нақши худро гузоштаанд, ман туро мисли пештара дӯст медорам. Зебои азизи ман, хоҳари ҷонӣ, шояд дидани ту бори дигарам муяссар нагардад. Зеро хаста шудам аз тай кардани марзҳо, дигар нирӯе дар худ эҳсос намекунам. Наметавонам фосилаи дурударози байни кишвархоямонро тай кардан. Ин бевафоятро бубахш.

Эй кош, кабӯтараке мебудаму дуру дароз парвоз карда мерафтам ба сӯйи дӯсти азизи худ, ки бешак ӯ низ дар орзуи дидори ман аст.

Ӯғилой ҶӮРАБОЕВА,
ноҳияи Узуни вилояти Сурхондарё.

БАРОИ «АРӮСИ ТОҶИК» – 13,9 МИЛЛИОН ДОЛЛАР

Даҳ сол қабл «Арӯси тоҷик» 13,9 млн. доллари ИМА арзёбӣ гардида буд, ки наққошии гаронбаҳотарини Сзин Шанъи ба шумор меравад. Суоле пайдо мешавад, ки ӯ кист ва чаро маҳз «Арӯси тоҷик»-ро мавриди тасвир қарор додааст.

Даҳ сол қабл, — хабар медиҳад «Asia-Plus», — ширкати «Сзядэ», ки бо савдои музояда сарукор дорад, наққошии рассоми чиноӣ Сзин Шанъи — «Арӯси тоҷик»-ро ба савдо монда буд. Наққошии рассоми шинохта дар рӯзи аввали фасли тирамоҳи заррин фурӯхта шуд.

Нархи ибтидоии тасвирро 9 млн. доллар муайян карданд. Дар ниҳояти кор ба ивази 85,1 млн. юан (13,9 млн. доллари ИМА) фурӯхта шуд. Дар тӯли 20 соли охир дар фаъолияти «Сзядэ» ин нархи рекордӣ буд.

Сзин Шанъи аз суратнигорони машҳури Чин аст, ки бо усули рангтасвир нақш меофарад. Наққошии «Арӯси тоҷик» ба шуҳрати ӯ афзуд. Мусаввир яке аз чеҳраҳои барҷастаи Чини коммунистӣ мебошад, ки ба насли аввали наққошони ин кишвар тааллуқ дорад.

Аҳди Эҳё ва класситсизми Аврупою кишварҳои ҳамсоя барои наққош мактаби омӯзиш буд. Сафар ба Аврупо чашми ӯро ба олами санъати классикӣ кушод.

Баъди баргаштан аз Аврупо ӯ тасмим гирифт, ки ба ноҳияи Шинҷон, ки дар қисмати шимолу ғарбии Чин воқеъ аст, равад. Дар ин минтақаи Чин асосан уйғуру тоҷикон умр ба сар мебаранд. Дар ин ҷо вай як сисила наққошиҳоро зери унвони «Духтари тоҷик», «Духтарони Туркистон», «Ибодат» ва «Арӯси тоҷик» офарид.

«Арӯси тоҷик» шоҳасари Сзин Шаъни мебошад. Наққош дар ин асараш усули наққошии мусаввирони

аҳди Эҳёи Аврупо ва наққошони ватаниро ба кор бурдааст. Рангҳои сурху сиёҳ ва сафед ба ҷозибаи тасвирҳои ӯ афзудаанд.

Сзин Шанъи, баъди баргаштан аз кишварҳои хориҷа, бисёр тасвирҳои худ, аз ҷумла, «Духтари тоҷик»-ро ба Осорхонаи миллии санъати тасвирии Чин туҳфа кардааст. Дар ихтиёри кӣ будани «Арӯси тоҷик» ҳанӯз маълум нест.

Таҳияи **Д. АБДУЛЛОЕВ.**

Ганҷи ороста

Ҷалолуддин БАЛХИИ РУМӢ
(1207 — 1273)

ДУ ҒАЗАЛ

Набошад айб пурсидан, туро хона куҷо бошад?
Нишоне деҳ, агар ёбем, он иқболи мо бошад.
Ту хуршеди ҷаҳон бошӣ, зи чашми мо ниҳон бошӣ,
Ту худ инро раво дорию он гаҳ ин раво бошад?
Нагуфтӣ, ман вафо дорам, вафоро ман харидорам.
Бубин дар ранги рухсорам, бияндеш, ин вафо бошад?
Биё, ай ёри лаълинлаб, дилам гум шуд аз ин қолаб,
Дилам доғи шумо дорад, яқин пеши шумо бошад.
Дар ин оташ кабобам ман, хароб андар харобам ман,
Чӣ бошад, ай шаҳи хубон, тане, к-аз сар ҷудо бошад?
Бугуфтам: ай дили мискин, ҳазар кун з-оташи пуркин,
Биё, бар ҷойи худ биншин, дилам гуфто: хато бошад!
Дили ман дар фироқи ҷон чу мори сарзада печон,
Ба гирди нақши ту гардон мисоли осиё бошад.
Харидӣ хонаи дилро, дил они туст, медонӣ,
Ҳар он чӣ ҳаст дар хона, аз они кадхудо бошад.
Қумоше, к-они ту набвад, равон андоз аз хона,
Даруни Масҷид-ул-ақсо саги мурда чаро бошад?
Фурӯ бастаст тадбирам, биё, ай моҳи шабгирам,
Бипурс, ай шоҳи Кашмирам, касеро, к-ошно бошад.

***

Ай ошиқон, ай ошиқон, ман хокро гавҳар кунам,
Ай мутрибон, ай мутрибон,
даффи шумо пурзар кунам.
Ай ташнагон, ай ташнагон, имрӯз саққоӣ кунам,
В-ин хокдони хушкро ҷаннат кунам, кавсар кунам.
Ай бекасон, ай бекасон, ҷоъалфарач, ҷоъалфарач,
Ҳар хастаи ғамдидаро султон кунам, санҷар кунам.
Ай кимиё, ай кимиё, дар ман нигар, зеро ки ман
Сад дайрро масҷид кунам, сад дорро минбар кунам.
Ай кофарон, ай кофарон, қуфли шуморо во кунам.
Зеро ки мутлақ ҳокимам, муъмин кунам, кофар кунам.
Ай булало, ай булало, муми ту андар каффи мо,
Ханҷар шавӣ, соғар кунам, соғар шавӣ, ханҷар кунам.
Ту нутфа будӣ, хун шудӣ в-он гаҳ чунин мавзун шудӣ,
Сӯйи ман о, ай одамӣ, то з-инт некӯтар кунам.
Ман ғуссаро шодӣ кунам, гумроҳро ҳодӣ кунам,
Ман гургро Юсуф кунам, ман захрро шаккар кунам.
Ай сардеҳон, ай сардеҳон, бикшодаам з-он сар даҳон,
То ҳар даҳони хушкро ҷуфти лаби соғар кунам.
Ай гулситон, ай гулситон, аз гулситонам гул ситон,
Он дам, ки райҳонҳотро ман ҷуфти нилуфар кунам.
Ай осмон, ай осмон, ҳайронтар аз наргис шавӣ,
Чун хокро анбар кунам, чун хорро абҳар кунам.
Ай ақли кулл, ай ақли кулл, ту ҳар чӣ гуфтӣ, содиқӣ,
Ҳоким туӣ, ҳотам туӣ, ман гуфтугӯ камтар кунам.

Аз ҳаёти нависандагони бузург

ПАРЕШОНХОТИРӢ

Марк Твен бар асари парешонхотирӣ зуд-зуд ба ҳолати ногувор меафтод. Боре ӯ савори поезд ба самте мерафт, ки кондуктор барои тафтиши чиптаҳо вориди купе гардид. Нависанда, ба мақсади нишон додани чипта, кисаҳояшро ба тагурӯ кардан даромад, вале наёфт. Кондуктор, ки ӯро мешинохт, гуфт:

— Хиҷолат накашед, вақти ба қафо баргаштани ман чиптаро нишон медиҳед. Агар шумо онро пайдо накардед, ҷойи хиҷолату пушаймонӣ нест. Зеро чунин ҳолат рух дода меистад.

— Не, шумо чиҳо мегӯед, — эътироз кард Марк Твен. — Ман бояд чиптаро пайдо кунам. Вагарна чи хел медонам, ки ба кӯҷо рафта истодаам?!

ИЛТИФОТ

Марк Твен бо хонуме, ки чеҳраи на он қадар дилкаш дошт, суҳбат мекард. Дар рафти суҳбат тасмим гирифт, ки ба ӯ илтифот кунад, гуфт:

— Шумо хонуми дилрабоед.

Хонум ҷавоби дурушт дод:

— Вале ман наметавонам нисбати шумо чунин бигӯям.

Марк Твен бо табассум посух дод:

— Шумо саъй бинамоед, ки мисли ман дурӯғ гӯед.

Тарҷума ва таҳияи
Комрони ҲАКИМПУР.

НОН, КИ ҲАЛОЛ ШУД, НОМ ҶИЛО МЕДИҲАД

(Аввалаш дар саҳ.3).

Аммо фарзандони усто Боймурод аз соҳаи худ фаро нарафтанд ва бо қатъияти том фишори баланди замонаро таҳаммул карда, ҳаргиз нагузоштанд, ки ҳунари оҳангарӣ хору залил гардад ва дӯконҳояшон баставу маҳсули дастони онҳо аз назарҳо афтанд.

Ҳоло дар музофоти Боғучорбоғ Усто Худойқул пешқадам буда, коргоҳи ободи оҳангарие дорад. Фарзандони ӯ ба падар ёрӣ расонда, гоҳе дастгоҳи бодбезро фаъол созанд, гоҳе путки гаронро ба даст гирифтаву оҳани тафтаро мекӯбанд. Бодбези бобоӣ аз қабат-қабат чарми дарунтиҳӣ иборат буда, дастаи дарозашро бо ҳар бори болову поён овардан ба самти кӯраи оҳангарӣ шамол роҳ мегирад ва ба сӯхтани ангишт мадад шуда, ҳарорати кӯраро баланд месозад. Усто Худойқул Муъминов мегӯяд, ин усули қадимаи тафсон нигаҳ доштани кӯраи оҳангудозӣ аст. Ҳоло дар баъзе устохонаҳо дастгоҳҳои барқӣ низ истифода мешаванд, ки маҷрои ҳаворо ба самти кӯра равон месозанд. Аммо ба дарозо аз барқ маҳрум мондани деҳаҳои кӯҳистонӣ, ки шояд муассисаҳои барқрасон аз барои сарфаи ин неъмат даст ба чунин амал мезананд, кори оҳангаронро низ ба мушкил мувоҷеҳ месозад. Дар чунин маворид усули бобоии рондани шамол ба самти кӯра муфидтар мебошад, ташвишаш ҳам камтар аст.

Бояд гуфт, ки Усто Худойқул ҳоло куҳансолтарин оҳангари Боғучорбоғ аст ва дар пешаи худ ҳамто надошта, ҳатто назар ба устоҳои дигари қаламрав як сару гардан боло меистад. Вай айни ҳол 83 сол дорад ва 1-уми июни соли 1940 ба дунё омада, бачагиаш дар замонаҳое гузаштааст, ки ба туфайли ҷанги хонумонсӯз нишоти зиндагии мардум халал оварда, лоҷарам қариб ҳар хонадон кулфате дошт. Азоби гуруснагии сахте ҳамқадами ин ғаму андӯҳи гарон гашта, гиребонгири пиру барно шуда буд. Дар чунин шароити вазнин Худойқул ба кори падар пайваста кӯмак мерасонд ва асрори пешаи оҳангариро меомӯхт. Баъдтар путкро аз дасти қиблагоҳаш гирифт, кори ӯро сабук кард...

... Дар гашти рӯз назар ба дохили устохона, ки оташдону сангдон он ҷост ва дар кӯраи дудзадааш як гул алов бедимоғ месӯхт, салқин аст, соядави девору хавозаи ток, шамоли кӯҳи Темирсандуқ расида, тану ҷони оҳангарро навозиш мекунад. Аз лаби ҷӯйбор се қатор санг чида, суфаи мусаттаҳе сохта будаанд. Аз гӯшаи он сар болои хавоза гирифта, як тоқа токи мевааш ҳанӯз ғӯра бедареғ соя меафканд. Устои солхӯрда, дар гӯш ғулғули оби ҷӯйбору нолиши асбоби корӣ, рӯйи зонувонаш матои рангбохтаи дурушт ба як пора оҳани акнун сард беист сӯҳон мекашид – ғиҷ, ғиҷ, ғиҷ..! Оҳан тадриҷан сайқал ёфта, лайс мешуд ва як навъ ҷило низ пайдо мекард. Чашмони оҳангар баробараш равшан мешуданд.

Усто ба асбоби сохтааш хуб зеҳн монда, аз нав сӯҳонро ба даст гирифт ва аз чӣ буд, ки «Садқаашон ман, аздусар мақоми одамони хондагӣ як парда болост, мисли оҳани обутобёфта!» – гуфт нимшунаво ва пайваста ба гӯшаҳои олот сӯҳон кашида, таассуф кард, ки чаро дар замонаш ба хондан нарафт? Дар мактаб-ку... хониши баде надошт. Агар гапи падарро ду накарда, ба ягон даргоҳи номаш баланд рафта меҳонд, шояд имрӯз заҳматаш камтар мешуд, ҳамон як пора коғази бамӯҳри ҳукумат – диплом ба нафақааш ҳам рамақ мегашт. Муродаш, шояд бо маблағи зиёдтаре ба нафақа баромада, имрӯз дар гашти пирӣ аз камии пули нафақа шиква намекард. Вай ин андешаро вақте аз дил гузаронд, ки ҳамсинфаш Ботир-муаллим либоси озадае дар бар ба самти хонааш гузашт.

«Хайр, боке не, шукри Худованд, касби аҷдодиро идома медиҳад. Худи ҳамин давлати калон!» – даст монда паси гардан хорид усто.

Имрӯз дар таҳлука аст, ки минбаъд мардум ба маҳсули дасти оҳангарон таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд ё не. Оҳангарӣ ҳамчун касб пойдор мемонад ё не! Шукр, ки панҷ фарзанди ӯ аз пайи падар рафта, асрори ин пешаро мукаммал аз худ кардаанд ва имрӯз ҳар қадом устоҳои моҳире ҳастанд. Хоса, часпу талоши Сафаралиаш лоиқи таҳсин аст... Аммо аз қазо минбаъд талабгорони маҳсулоти оҳангарӣ кам шаванд, яқин ин соҳа ба касодӣ мувоҷеҳ мегардад ва оҳангарон ногузир табдили касб хоҳанд намуд. Ана, тарси Усто Худойқул дар чист!

Оҳангар дубора ба олоти дасташ аз ҳар самт бодиққат нигарист... Ин оҳани гирдаи камоншаклро, ки ҷойҷой сӯрохиҳо дорад, наъл мегӯянд ва ҳоло усто ҷойҳои дурушти онро суфта, ба табъи дили худ мувофиқ месохт. Як човандози ӯзбектабор чандин сол аст, ки ошиқи маҳсули дастони Усто Худойқул гаштааст. Ҳарчанд «ҳаво гарм, бародар, дар пеши кӯра нишастану таф додани оҳан як кори мушкил...» гуфта вачҳ оварад, аммо он хонаобод ду пойро дар як мӯза хаста, «насозед, рӯзам сиёҳ хоҳад шуд...» гуфта, сахт исрор намуд. Чаҳор ҷуфт наъли баоб сохта надиҳад, аспҳои ӯ дар сабқати навбатии бузкашӣ ширкат варзида наметавонанд. Ба гуфти ӯ, наълҳои сохтаи устоҳои тагоб ба талаб ҷавоб намедодаанд, – зери зарби суми аспҳо зуд мешикастаанд!

Ва... сухани мард нашиканад гуфта, ноилоҷ ризо шуд. Аммо шикваи мизоҷи дерини худро шунида, дар ҳайрат монд. Пас, ҳанӯз устоҳои ҷаълӣ дар атроф зиёданд. Дар домани шолиҳо курмаквор рӯз мебаранд онҳо!

Ё тавба! Чӣ бало, оҳанро нағз обутоб намедиҳанд?!» – аз худ пурсид оҳангари пир, миёни абрӯвон чин андохта . – «Агар оҳан ба дурустӣ об нахӯрад, тобовар нахоҳад шуд.» Барои ин бояд арақи ҷабин рехт, чандин навбат оҳанро дар кӯра сурх кардаву гаштаву баргашта бо путки гарон кӯфт. Фурсаташ, ки расид, аз сидқи тамом «бисмиллох» гуфтаву об додан лозим. Об додани оҳан ҳам ҳунар аст, асрори худашро дорад. Сирри ин корро вай аз падар омӯхтааст, падараш бешак аз қиблагоҳаш! Номро доғдор кардан, бо нонро нораво хӯрдан баробар! Аммо баъзе бандаҳои хомхаёл ба умқи ин андеша намераванд. Фиреб, найранг, ба чашми ҳам хок пошидану соҳиби сарват шудан аст пиндори ғалатошон, кирдори номатбӯашон!

«Ё Аллоҳи кабир!..» – бухси дилашро бо талаффузи ин таъбир берун афканда, наъли тайёршударо ба як сӯ гузошт. Тоқаи дигарашро ба даст гирифт ва ба паҳлӯҳои ҳанӯз носуфтаи он бедиранг сӯҳон кашида, аз аъмоли баъзе ҳампешаҳои худ оташин мешуд, ба ҷойи онҳо як навъ хиҷолат ҳам мекашид.

«Шукр, ки ҳанӯз бузкашӣ барин суннатҳои мардумӣ зиндааст. Ба туфайли ҳамин дилхушӣ одамон аспҳои хушзот парварида, вориди майдони сабқат мешаванд. Барои аспҳои худ човандозон даҳана, гулмех, рикоб, сумтарош, наъл ва дигар афзори зарурӣ фармоиш медиҳанд ва ин тавр, дӯконҳои оҳангарӣ ҳам як навъ «мечунбанд». Аммо фаъолияти ин коргоҳҳо шӯълаи дар дами боди тунд мондаро ба хотир меоранд.» – Усто Худойқул бо андешаи маҳзун ба самти кӯча зеҳн монд, ки як мошини «бегона» ба ҷониби осиёби деҳа роҳ гирифт. Шояд ба дӯкони вай ҳам сар халонанд...

Акнун кайфияти усто худ аз худ боло рафт. Хуб аст, ки дар ин авохир соҳаи ҷаҳонгардӣ рӯ ба рушд овардааст. Гаҳу ногаҳ сайёҳони хориҷӣ ба деҳа сар халонда, аз ҳунари оҳангарон низ бархурдор мегарданд, агар сози дилашон маҳсулоте ёфтанд, зуд харидаву ба кишварҳои худ мебаранд. Ба соҳаи сайёҳиву ҷаҳонгардӣ эътибор додани ҳукумат кори оҳангаронро андаке такон додааст. Дар мактабҳо ҳам ба касбу ҳунар омӯхтани шогирдон таваҷҷӯҳ зоҳир мегардад, ки ин амал ҳам умеди зинда мондани оҳангарӣ барин пешаҳоро қавитар месозад. Усто Худойқул Муъминов аз ҳамин бобат андешида, дар кӯраи дилаш як панҷа равшанӣ давид ва бо нолиши пирона аз ҷой хеста, зери лаб хитоб кард: «То реша дар об аст, умеди самаре ҳаст!»

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти ҚАШҚАДАРЁ.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1125.
Адади нашр 4538. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тӯхтаев.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 22.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.